Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№22 (1171)

Панҷшанбе, 30 майи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


# Натиҷагирӣ аз фаъолияти Гурӯҳи корӣ

## БО МОШИНИ НАЗОРАТӢ-ХАЗИНАВӢ ТАЪМИН НАМУДАНИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН



# Интихоби дурусти мутахассис - пешрафти фаъолият

Сӯҳбатҳо дар ҳошияи вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон с. 14

ПРЕЗИДЕНТ



### Корҳои ободонӣ ва созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузург

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара

с. 2-6

СЕМИНАР - МАШВАРАТ

### Камбудиҳо дар масъалаи интиқоли маълумот

Корҳои фаҳмондадиҳӣ барои соҳибкороне, ки ба таҳвил ва фурӯши сӯзишворӣ машғул мебошанд

с. 7

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

### Кӯшиш бахри рафъи камбудиҳо

Ҳадафи асосии гузаронидани санҷишҳои андоз ва корҳои назоратӣ

с. 9

АНДЕШАИ МУТАХАССИС

### Банақшагирӣ - калиди муваффақиятҳо

Андешаҳои мутахассиси соҳаи андоз перомуни вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар

с. 10

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

### Меъёри музди меҳнат

Баррасии масъалаҳои ҳадди номиналии музди меҳнат, пешниҳоди тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобу пардохти суди сахмияҳо

с. 11

НАМУДҲОИ АНДОЗ

### Баҳисобгирӣ дар кадом ҳолат қарор дорад?

Вазъи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар кишвар

с. 12

# Корҳои ободонӣ ва созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузург

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара

**23 майи соли 2019, ноҳияи Данғара**

**Ҳамдиёрони азиз!**

Мо имрӯз ба назди шумо, сокинони шарафманди деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара омадем, ки бо натиҷаҳои заҳмати созанда ва дастоварду комёбиҳоятон дар ҷодаи дастгирӣ кардану амалӣ намудани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз наздик шинос шавем.

Деҳоти Пушинг аз ҷумлаи мавзеъҳои бисёр бостонии Тоҷикистон мебошад. Дар асари “Тоҷикон”- и Бобоҷон Ғафуров ин мавзеъ ба сифати як гӯшаи қадимаи кишварамон дар давраҳои гуногуни таърихӣ борҳо зикр шудааст.

Соли 1954 Пушинг аз ҷониби бостоншиносон мавриди ҳафриёт қарор гирифта, баъди таҳқиқоти илмӣ аз дохили гаҳворасангҳои деҳа ба миқдори зиёд тангаҳои тиллоии мансуб ба замони Кушониён бо акси шоҳ ёфт шудааст.

Ин ва бисёр далелҳои дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки Пушинг аз қабили деҳаҳои қадимтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, дар замонҳои куҳани таърихӣ, ҳамчунин, бо номи Ҳушанг низ ёдовар шудааст.

Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ аз ҳудуди деҳа осори се қабати таърихии рӯзгори сокинони он ошкор шудаанд, вале онҳо то ба ҳол мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд.

Дар ҳудуди деҳаи Пушинг се қалъа вуҷуд доштааст, ки бар асари ҳуҷумҳои аҷнабиён хароб гардидааст.

Дар деҳа оташдонҳои оҳангудозӣ, шабакаҳои махсуси обёрӣ ва хатти оби ошомиданӣ фаъолият мекардаанд, ки нишонаҳои онҳо то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Бинобар ин, бо итминон метавон гуфт, ки дар байни сокинони Пушинг ғайр аз кишоварзиву чорводорӣ, инчунин, ҳунарҳои кулолгарӣ, оҳангудозӣ ва косибӣ низ ривоҷ доштаанд.

Пушинг, ҳамчунин, яке аз марказҳои илму фарҳанг ва ҳунармандии минтақа ба шумор мерафтааст. Сокинони он имрӯз низ омӯзиш ва пос доштани меросу анъанаҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии гузаштагони некноми худро идомаи нек мебахшанд.

Вобаста ба ин, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Кумитаи рушди сайёҳиро зарур аст, ки доир ба омӯзиши мавзеъҳои таърихии ин гӯшаи диёрамон корҳои таҳқиқотиро ба роҳ монда, барои ҷалби сайёҳон ба ин макон маводи таблиғотӣ ва муаррификунандаи ҳунару фарҳанги сокинони онро таҳия ва интишор намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Деҳоти Пушинг соли 1932 таъсис ёфта, ҳоло аз 8 деҳа — Пушинг, Паркамчӣ, Ғиҷовак, Алиҷон, Моҳпора, Дилнишин, Шаршар, Олучадара иборат мебошад ва дар ҳудуди он қариб 15 000 нафар аҳолӣ кору зиндагӣ дорад.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар, бахусус, солҳои охир дар натиҷаи таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ва заҳмати содиқонаи сокинони заҳматпешаи он симои зоҳирии деҳаҳои Пушинг куллан дигаргун шуда истодааст.

Дар ин муддат тавассути сафарбар намудани захираву имкониятҳои худӣ қариб дар ҳамаи деҳаҳо муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабҳо, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, марказҳои хизматрасонӣ, филиали бонкҳо, роҳҳо ва дигар инфрасохтори зарурӣ, инчунин, боғҳои дарахтони мевадиҳанда ва ангурзорҳо бунёд гардидаанд.

Имрӯзҳо ба истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар саросари мамлакатамон корҳои созандагиву ободонӣ босуръат ҷараён дошта, дар ин раванд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара низ якҷо бо соҳибкорони ватандӯсти деҳоти Пушинг дар ин гӯшаи зебоманзари кишварамон мувофиқи нақша бунёд ва таъмиру азнавсозии беш аз 300 иншооти таъиноти гуногунро оғоз карда, аллакай, сохтмони зиёда аз 60 иншоотро ба анҷом расонидаанд.

Сокинони деҳоти Пушинг дар назди худ мақсад гузоштаанд, ки деҳаи хушманзарашонро дар зарфи ду соли оянда бо заҳмати дастаҷамъона ба як шаҳраки ободу зебои муосир табдил диҳанд.

Бинобар ин, ҳоло бо ҳиммати соҳибкорони бонангу номус ва фарзандони ватандӯсти деҳот ва ноҳия бунёди боз садҳо иншооти дигар босуръат идома дорад.

Қобили зикр аст, ки ҳамаи ин нақшаҳои ободонӣ бо қувваи худи мардуми деҳот ва бидуни ҷалби маблағҳои буҷетӣ амалӣ шуда истодаанд.

Имрӯз мо дар Пушинг намунаҳои заҳмати ватандӯстонаи сокинон ва соҳибкорони ҳимматбаланди деҳа — муассисаи нави таҳсилоти умумӣ, таваллудхона ва гулгашти зебое,ки дар шафати он бунёд шудааст ва майдончаи муосири варзиширо ба истифода супоридем.

Ҳамчунин, роҳи мошингарди Данғара-Пушинг ба масофаи 18 километр ба истифода дода шуд. Ин роҳ, ки қариб 30 сол инҷониб бисёр харобу валангор буд, бо дастури Роҳбари давлат аз ҷониби ширкати “Роҳи Тоҷик” мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ пурра азнавсозӣ гардид.

Варзишгоҳи замонавие, ки ҳоло мулоқоти мову шумо дар он баргузор шуда истодааст, боз як намунаи ҳиммати соҳибкорону сокинони деҳа мебошад.

Илова бар ин, Роҳи Пушинг-Шаршар бо дарозии 3,5 километр аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ сангфарш гардидааст ва моҳҳои наздик мумфарш карда мешавад.

Дар баробари ин, кӯчаҳои марказӣ ва роҳҳои дохилии деҳаи Пушинг ба масофаи зиёда аз 16 километр мумфаршу чароғон гардида, дар атрофи онҳо ҳазорон бех дарахтони ороишиву сояафкан шинонида шудаанд.

Аксари иншооти таъиноти иҷтимоиву хизматрасонии дар ин деҳоти дурдасти ноҳияи Данғара бунёдшуда гувоҳи равшани дар доираи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” обод гардидани як гӯшаи Ватанамон, бо шуғл таъмин намудани сокинон ва дастаҷамъона амалӣ кардани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ба пешвози сисолагии Истиқлолияти давлатии кишвари маҳбубамон мебошанд.

Чунонки зикр гардид, дар маркази деҳаи Пушинг мактаби ҳозиразамон барои 1520 нафар хонанда бо 30 синфхонаи барҳаво, маҷлисгоҳ ва толору майдончаи варзишӣ қомат афрохтааст, ки дар он барои таълиму тарбияи фарзандони сокинони деҳа шароиту имкониятҳои беҳтарин фароҳам оварда шудаанд.

Ҳамчунин, аз ҷониби соҳибкорони саховатманди деҳа барои беҳсозии сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба ҳамдеҳагони худ, пешгирӣ кардани бемориҳо ва коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак маркази саломатӣ азнавсозӣ гардида, дар шафати он таваллудхонаи муосири муҷаҳҳаз бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ сохта шудааст.

Бо иқдоми дастаҷамъонаи сокинону соҳибкорон дар деҳа, инчунин, ҳавзи калони захираи об барои парвариши моҳӣ ва эҳтиёҷоти кишоварзӣ, ки дар маҷмӯъ, шаш гектарро ташкил дода, имкони то 400 гектар обёрӣ карданро дорад, дар давоми як сол азнавсозӣ шуда, дар он барои 10 нафар ҷойи кори доимӣ муҳайё гардидааст.

Бо дарназардошти он ки сокинони деҳа беш аз сӣ сол инҷониб аз норасоии об танқисӣ мекашиданд, бо дастгириву маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ дар деҳа панҷ чоҳи амудӣ ва ду обанбор бунёд шудааст, ки яке аз онҳо барои нигоҳдории оби ошомиданӣ ва дигаре ҳамчун ҳавзи моҳипарварӣ ва обёрии заминҳои кишоварзиву боғҳои деҳа истифода карда мешавад.

Бо мақсади дар тамоми фаслҳои сол бо оби ошомиданӣ таъмин кардани аҳолӣ аз канали асосӣ ба масофаи 7,5 километр хатти оби ошомиданӣ кашида шуда, обанбор барои 500 метри мукааб бунёд гардидааст. Обёрии 500 гектар замини лалмии деҳа, парвариши дарахтони мевадиҳанда ба роҳ монда, барои минбаъд беталаф нигоҳ доштани меваю сабзавот сардхона бо ғунҷоиши 100 тонна маҳсулот бунёд карда шудааст.

Раванди корҳои ободонӣ дар дигар деҳоти Пушинг, аз ҷумла Дилнишин, Ғиҷовак, Паркамчӣ, Алиҷон, Офтобрӯя, Шаршар, Олучадара ва Гули зиндон низ бомаром идома дошта, аз ҷониби соҳибкорону шахсони эҳсонкор мактабу бунгоҳҳои тиббӣ ва хатҳои оби нӯшокӣ сохта шудаанд.

Дар деҳаи Паркамчӣ бо иқдоми соҳибкорон мактаб ва таваллудхонаи муосир бунёд шуда, роҳҳои байни деҳа ва хатҳои интиқоли нерӯи барқ азнавсозӣ гардидаанд. Дар деҳаи Ғиҷовак якуним километр роҳи дохилӣ мумфарш ва майдончаи варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло дар ин деҳа аз ҳисоби соҳибкорон сохтмони бинои панҷошёнаи маркази саломатӣ, истироҳатгоҳ ва дигар иншооти хизматрасонӣ идома дорад.

Дар деҳаҳои Дилнишин ва Моҳпора аз ҳисоби соҳибкорон бунёди мактабҳои дуошёна барои 480 ҷойи нишаст дар арафаи анҷомёбӣ қарор дошта, дар деҳаи Алиҷон кӯчаҳои маркази деҳа ба масофаи қариб панҷ километр асфалтпӯш гардидааст ва сохтмони ҳаммому маркази хизматрасонӣ идома дорад.

Ҳоло корҳои сохтмон дар иншооти боқимонда мутташаккилона ва бо азму талоши ватандӯстонаи мардум идома доранд ва умед аст, ки то таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳамаи нақшаҳои созандаи сокинони ноҳияи Данғара пурра амалӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки бо анҷом ёфтани бунёди ҳамаи иншооти бо иқдоми соҳибкорони саховатпеша оғозгардида мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ хеле осон гардида, барои зиндагиву фаъолияти сокинони деҳот шароити хеле мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки деҳоти Пушинг барои парвариши ангур, бахусус, навъҳои кишмишу тоифӣ ва дигар меваҳои содиротӣ, инчунин, сабзавоткорӣ, аз ҷумла пиёзу картошка имкониятҳои беҳтарин дорад.

Итминон дорам, ки кишоварзони соҳибтаҷрибаи деҳот бо истифода аз талу теппаҳо боғҳои нав бунёд карда, дар таъмин намудани фаровонии бозори дохилӣ ва содироти маҳсулот саҳми арзишманд мегузоранд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Хоҷагии деҳқонии “Лайло” яке аз хоҷагиҳои пешқадами деҳоти Пушинг буда, тайи солҳои охир бо заҳмати аҳлонаи аъзои он майдони зиёди заминҳои боир, яъне бекорхобида барқарор карда шудааст, ки ба беҳдошти рӯзгори сокинон ва фаровонии бозори истеъмолии ноҳия мусоидат карда истодааст.

Дар заминҳои хоҷагӣ, ки 30 гектарро ташкил медиҳанд, 12 гармхона бунёд карда шудааст, ки дар онҳо тамоми сол лимӯ, зироатҳои полезӣ ва дигар сабзавот парвариш карда мешаванд ва 30 нафар сокинони деҳа бо ҷойи кори доимӣ таъмин мебошанд.

Инчунин, дар масоҳати ду гектар парвариши се навъи ангур ба роҳ монда шудааст ва дар майдони беш аз 5 гектар картошка ва 25 гектар дарахтони мевадиҳанда шинонида шудаанд, ки аллакай ба ҳосил даромадаанд. Барои беталаф нигоҳ доштани ҳосили боғҳо сардхона бо ғунҷоиши 400 тонна маҳсулот сохта шудааст.

Аъзои хоҷагии деҳқонии мазкур аз ҳисоби даромади худ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар деҳаи Олучадара бунгоҳи тиббии замонавӣ сохта, ба истифода додаанд.

Дар иншооти зикршудаи ҳудуди деҳоти Пушинг, дар маҷмӯъ, 110 ҷойи нави корӣ муҳайё шудааст, ки албатта, боиси таҳсин мебошад.

Дар иртибот ба корҳои ободиву созандаи зикршуда ба хурду бузурги сокинони деҳоти Пушинг, ҳамаи фарзандони бонангу номус ва соҳибкорони ҳимматбаланд барои иқдому ташаббусҳои ватанпарастонаашон дар ҷодаи ободонии ин гӯшаи диёрамон сипоси бепоён изҳор менамоям.

Аҳсан ба шумо, барои ташаббусҳои наҷиб ва заҳмати ватандӯстона!

Бо қаноатмандӣ ва итминони комил иброз медорам, ки мардуми деҳоти Пушинг дар ҷодаи заҳмати созанда ба хотири таҷлили ҷашни мубораку муқаддаси миллиамон намунаи ибрати дигарон хоҳанд буд.

Ҳамчунин, бо итминон иброз медорам, ки дар моҳи шарифи Рамазон соҳибкорону тоҷирон ва шахсони эҳсонкори деҳоти Пушинг дар баробари иҷрои корҳои ободониву созандагӣ, инчунин, бо амалҳои хайру савоби хеш кумаку дастгирии худро аз ятимону маъюбон, беморон ва камбизоатону эҳтиёҷмандон дареғ намедоранд.

Бовар дорам, ки сокинони меҳмоннавозу заҳматпешаи ноҳияи Данғара, аз ҷумла деҳоти Пушинг дар баробари мардуми шарафманди мамлакат минбаъд низ барои дар сатҳи баланд ва бо эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ истиқбол гирифтани ҷашни мубораку муқаддаси сисолагии Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон-Тоҷикистон дучанд заҳмат кашида, ноҳия ва деҳоти худро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд.

Мардуми шарафманди ноҳияи Данғара ва деҳоти Пушинг солҳои охир бо рӯҳияи баланди миллӣ ва бо заҳмати софдилонаашон исбот карда истодаанд, ки метавонанд бо амалҳои неки ободгаронаашон барои фарзандони худ як мулки ободу пешрафтаро ба мерос гузоранд.

Дар ин роҳи пуршарафи ободкорӣ ба ҳамаи шумо барору комёбӣ мехоҳам.

**Ҳамеша саодатманду сарфароз бошед, ҳамдиёрони азиз!**

Боҷу хироҷ
№22 (1171)
Панҷшанбе, 30 майи соли 2019


# Идомаи корномаҳои бузург

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони вилояти Хатлон

*24 майи соли 2019, ноҳияи Данғара*

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар мулоқоти соли гузашта мо масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла вазъи соҳаи кишоварзиро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, роҳбарону масъулонро вазифадор карда будем, ки доир ба ҳалли мушкилоти мавҷуда ва бартараф кардани камбудиҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Масъалаҳои вобаста ба татбиқи Барномаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодии вилоят ва бо истифода аз захираву имкониятҳо ҷиҳати таъмин намудани рушди соҳаҳои афзалиятнок, дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби ҳарҷи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ, зиёд кардани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиш додани ҳаҷми содироти он, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ ва муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ аз ҷумлаи дастурҳои додашуда буданд.

Хатлон яке аз вилоятҳои калонтарини Тоҷикистон буда, дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат нақши калидӣ мебозад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди дастовардҳои солҳои охир, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он имконият ва иқтидорҳои худро то ба имрӯз ба таври пурра истифода накардаанд.

Дар доираи Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон амалӣ намудани 279 лоиҳа пешбинӣ шудааст, вале то имрӯз дар 172 лоиҳа иҷрои корҳо таъмин нагардидааст.

Татбиқи лоиҳаҳо дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Ҳамадонӣ, Левакант, Балҷувон, Кушониён, Вахш, Восеъ, Қубодиён, Темурмалик, Ҷайҳун, Хуросон, Носири Хусрав, Шаҳритус ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, иҷрои онҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо то 30 фоизро ташкил медиҳад, ки ин боиси нигаронӣ мебошад.

Вобаста ба ин, роҳбарони Кумитаи рушди маҳал, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории бандҳои иҷронагардидаи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ андешида, оид ба иҷрои онҳо то охири соли 2019 ба Ҳукумати мамлакат ҳисоботи муфассал пешниҳод намоянд.

Вилоят дар чор моҳи соли 2019 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад нақшаи ҳаҷми умумии буҷетро 100 фоиз иҷро кардааст, вале сифатнокии он ҳанӯз беҳбудиро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, дар соли 2019 ба вилояти Хатлон аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳим зиёда аз 540 миллион сомонӣ ҷудо шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба масъалаҳои банақшагирии дурусти буҷетҳои маҳаллӣ, мутобиқати хароҷот ба меъёрҳои муқарраргардида, арзёбии имкониятҳои воқеии манбаъҳои андоз, сифати иҷрои буҷет ва истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳо эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки тавассути таъсиси ҷойҳои кори доимӣ ва афзоиш додани манбаъҳои андозбандӣ барои таъмини қисми даромади буҷети вилоят тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ин раванд, масъулон вазифадор карда мешаванд, ки омилҳои ба содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидаткунандаро бартараф карда, доир ба ҳолатҳои ғайримақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва дигар қонунвайронкуниву ҷиноятҳо чораҳои иловагӣ андешанд.

Яке аз воситаҳое, ки барои афзоиши даромади буҷети вилоят ва шаҳру ноҳияҳо мусоидат менамояд, аз ҳисоби бунёди корхонаву коргоҳҳо ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ зиёд гардонидани манбаъҳои андоз, рушди бемайлони соҳаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла саноату кишоварзӣ мебошад.

Аз ин рӯ, масъулонро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ҳамкориро бо соҳибкорони ватанӣ таҳким бахшанд, корхонаҳои хурду миёнаи нав таъсис диҳанд ва ба ванди саноатикуниро дар вилоят вусъат бахшанд.

Дар баробари ин, корхонаҳои азкормондаро ба кор дароварда, ҷиҳати ворид кардани технологияҳои нави каммасраф чораҷӯӣ намоянд. Ҳамзамон бо ин, дар ҳалли масъалаҳои мазкур бо соҳибкорон ва шарикони рушд ҳамкорӣ карда, ба таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Тибқи маълумот дар вилоят моҳҳои январ-марти соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,7 миллиардро ташкил дода, суръати афзоиши он ба 7,3 фоиз расидааст. Ин нишондиҳанда аз сатҳи миёнаи кишвар ду баробар кам буда, боиси нигаронист.

Ҳадафи чаҳоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар роҳбарони ҳар як шаҳру ноҳияро вазифадор месозад, ки корро дар самти таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ ва рушди саноати сабук, аз ҷумла коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тақвият бахшида, ҳамкориро бо бахши хусусӣ боз ҳам васеъ ба роҳ монанд.

Дар вилоят истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Аммо бо сабаби набудани корхонаҳои коркард қисми зиёди маҳсулот талаф ёфта, истеъмол ва истифода намегардад.

Аз ин рӯ, ба бунёди коргоҳҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққат додан аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ то 1 апрели соли 2019 дар вилоят қариб 100 ҳазор субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 3,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳоло дар вилоят ҷиҳати сохтмону азнавсозии роҳҳо, таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ, обтаъминкунӣ ва рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ 32 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда 4,2 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар назар аст, ки то соли оянда 6 лоиҳаи нави сармоягузории давлатӣ ба маблағи 2 миллиард сомонӣ татбиқ мегардад.

Бо вуҷуди қаноатбахш будани чунин вазъ, татбиқи лоиҳаҳо вусъати бештар мехоҳад, зеро иқтидорҳо дар вилоят хеле зиёданд.

Дар соли 2018 ва се моҳи соли 2019 ба шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ зиёда аз 1,6 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки 85 фоизи он аз қарзҳои хурд иборат мебошад. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар ҳудуди вилоят дар семоҳаи якуми соли 2019 назар ба ҳамин давраи соли гузашта 36 фоиз афзудааст, вале ҳиссаи он ҳамагӣ 20 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои кишварро ташкил медиҳад.

Зиёда аз 50 фоизи қарзҳои ба вилоят додашуда ба 6 шаҳру ноҳия – Кӯлоб, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Шаҳритус ва Ҷайҳун рост меояд.

Бинобар ин, Бонки миллӣ бояд якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ сабабҳои нисбатан кам будани қарзро ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят омӯхта, якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ ва фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ чораҳои амалиро роҳандозӣ намоянд.

Илова бар ин, зарур аст, ки ҳаҷми бештари қарзҳо, дар навбати аввал, ба соҳибкории истеҳсолӣ ҷудо карда шавад.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 аз 2089 корхона 712 корхона фаъолият накардааст ва аз 520 корхонаву коргоҳҳои саноатӣ 209 корхона умуман фаъолият накарда, дар 54 корхона ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст.

Аз ин лиҳоз, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки фаъолияти корхонаҳои саноатии камфаъолият ва аз фаъолият бозмондаро таҳлил карда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои фаврӣ андешанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо масъалаи тибқи муқаррарот бекор кардани асноди корхонаҳоеро, ки беш аз панҷ сол хусусӣ шудаанду то ба ҳол ҷиҳати азнавсозӣ ва рушди онҳо чораҷӯӣ нашудааст, баррасӣ карда, доир ба механизми аз нав ба фурӯш гузоштани чунин корхонаҳо дар миқёси вилоят пешниҳод манзур намоянд.

Дар вилоят чунин корхонаҳо хеле зиёданд, ки хусусӣ шудаанд, аммо даҳсолаҳост, ки ҷиҳати фаъол гардонидани онҳо тадбире андешида намешавад.

Бояд таъкид намоям, ки дар доираи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 6200 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, то ба имрӯз 1752 иншоот, аз ҷумла дар чор моҳи соли 2019 — ум 589 иншоот мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дирӯз мо дар деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара чандин иншоти навбунёдро, ки бо заҳмати дастаҷамъонаи сокинони он ва бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ сохта шудаанд, ба истифода супоридем. Боиси ифтихору хушҳолист, ки дар як деҳаи дурдасти кишвар Парчам ва Нишони давлатӣ бо майдони ободу зебо, мактаби муосир, муассисаҳои замонавии тиббӣ, роҳҳои чароғон ва дигар иншооти муҳим қомат афрохта, симои деҳа ва шаҳраки ҳозиразамон монанд шудааст.

Дар робита ба ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки фаъолияти худро ҷиҳати тақвияти корҳои ободониву бунёдкорӣ ва сохтмони иншооти иҷтимоиву иқтисодии ба нақша гирифташуда тақвият бахшанд ва ҳамкориро бо соҳибкорону шахсони саховатпеша ва умуман, аҳолӣ густариш диҳанд.

Бо азму талоши мардуми вилояти Хатлон соли 2018 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ асосан таъмин шудааст, вале вазъи соҳа ҳанӯз беҳбудӣ мехоҳад.

Дар вилоят ҳоло ҳам кишти такрорӣ ба ҳукми анъана надаромада, заминҳои холӣ ва киштгардонна шуда зиёд мебошанд. Ман дар яке аз вохӯриҳои худ бо кишоварзон ишора карда будам, ки дар баъзе мавзеъҳо то чор ҳосил гирифтан мумкин аст.

Мутаассифона, дар баъзе ноҳияҳои вилоят кишти дуюм низ босифат ба роҳ монда нашудааст, ки бояд доир ба бартараф намудани ин камбудӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар чор моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ қариб ба 800 миллион сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9 фоиз зиёд шудааст ва суръати афзоиш дар соҳаи растанипарварӣ 33 фоиз ва чорводорӣ беш аз 5 фоиз таъмин гардидааст.

Чунин суръати афзоиш барои вилояте, ки ҷиҳати рушди ин соҳа имконоти васеъ дорад, басанда нест. Мо бояд ба афзун намудани саршумори чорво ва рушди соҳаи растанипарварӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем.

Дар баробари ин, дар вилоят соли 2018 истеҳсоли пахта назар ба соли 2017-ум 80 ҳазор тонна кам шудааст, ки нишонаи бетавaҷҷӯҳӣ ба ин соҳаи афзалиятнок мебошад.

Аз ин миқдор пахта 28 000 тонна нах ва 45 000 тонна чигит истеҳсол мешуд, ки аз он 7 000 тонна равған ва 35 000 тонна хӯроки чорво гирифтан мумкин буд.

Аз ин рӯ, роҳбарону масъулон вазифадор карда мешаванд, ки сабабҳои кам шудани ҳосили пахтаро ҳаматарафа омӯхта, дар оянда ҷиҳати зиёд кардани майдони кишти пахта чораҳои қатъӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати кишоварзӣ ва дигар сохторҳои марбутаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо корро дар самти ояндабинии дуруст ва таҳияи дурнамои кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ба таври ҷиддӣ тақвият бахшанд.

Захираҳои мавҷудаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳанӯз ҳам дар миқёси мамлакат ба таври пурра истифода нашудаанд. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон ҷиҳати истифодаи оқилонаву самараноки обу замин, агротехникаи парвариш ба обёрӣ, истифодаи васеи техникаву технологияҳои пешрафта ва тухмиҳои хушсифат дар ҳамаи зинаҳои истеҳсолӣ, таҳвил ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, доир ба вусъат додани моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, парандапарварӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва беҳтар кардани зоти чорво чора андешида, аз натиҷаи корҳои баанҷомрасида ҳар се моҳ ба Ҳукумати мамлакат гузориш ирсол намоянд.

Масъалаҳои баланд бардоштани ҳосилнокии боғу токзор ва коркарди меваю ангур, ки аҳаммияти содиротӣ доранд, дар шароити кунунӣ ниҳоят арзишманд мебошад. Аз ин рӯ, ҷиҳати истифодаи технологияҳои каммасрафи об, афзоиш додани майдони боғҳои интенсивӣ ва навъҳои содиротии мева, сари вақт ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркард намудани ҳосил бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Ғайр аз ин, ба ташкили корхонаҳои муосири коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли консерваю афшураҳо бояд диққати аввалиндараҷа дода, бо ин мақсад сармояи ватаниву хориҷӣ ҷалб карда шавад.

Тибқи омори гумрукӣ соли 2018 аз вилоят зиёда аз 18 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот шудааст, ки аз он ҳамагӣ 92 тонна меваи хушкро ташкил медиҳад. Ҳарчанд, ки содироти пиёзи барвақтӣ ба ҳолати 22 майи соли 2019 ба 20 ҳазор тонна расидааст, вале ин нишондиҳанда ҳиссаи ночизи истеҳсоли дохилӣ мебошад. Чунин ҳолат, яъне вазъи содирот қонеъкунанда набуда, иқтидорҳои вилоят дар самти содироти мева ва сабзавоти барвақтию мавсимӣ пурра истифода намешавад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки якҷо бо Агентии содирот ҷиҳати ташкили инфрасохтори зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва таҳвили сабзавот, меваи тару тоза ва хушк, маҳсулоти коркарди онҳо чораҷӯӣ намоянд ва ҳамкориро бо субъектҳои кишварҳои харидори ин маҳсулот мунтазам тақвият бахшанд.

Тибқи маълумот то 1 майи соли 2019 дар майдони зиёда аз 122 ҳазор гектар кишти пахта гузаронида шудааст, ки бо нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта баробар аст.

Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди ниҳоии нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз он эътибори ҷиддӣ ва доимӣ медиҳад.

Зеро зиёд намудани майдони кишти пахта ва коркарди ниҳоии он яке аз роҳҳои таъмин намудани аҳолии кишвар, махсусан, сокинони деҳот бо ҷойҳои корӣ ва яке аз василаҳои ба масири рушди саноативу аграрӣ баровардани Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳудуди вилоят аз моҳи сентябри соли 2018 то марти соли 2019 аз 179 ҳазор тонна пахтаи ҷамъоваришуда 152 ҳазор тоннаи он дар 44 корхонаи пахтатозакунӣ коркард шуда, 21 корхона умуман фаъолият накардааст.

Вобаста ба ин, ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои пахтакори кишвар супориш дода мешавад, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакор, фаъолияти мунтазами корхонаҳои коркарди пахта ва хариди ин маҳсулот бо арзиши аслии он чораҳои муассир андешанд.

**(Давомаш дар саҳ.4-5)**

# Идомаи корномаҳои бузург

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони вилояти Хатлон

*24 майи соли 2019, ноҳияи Данғара*

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

Соли 2016 дар ноҳияи Данғара яке аз корхонаҳои калонтарини коркарди нахи пахта — маҷмааи истеҳсолии нассоҷии «Ҷунтай-Данғара” бо иқтидори коркарди 10 000 тонна нахи пахта дар як сол ба кор шурӯъ намуда, марҳалаи дуюми он — истеҳсолоти ресандагӣ моҳи ноябри соли 2018 мавриди истифода қарор дода шуд.

Вале таъкид месозам, ки то ҳанӯз қафомонӣ дар корҳои сохтмону васлкунии марҳалаҳои навбатии ин маҷмааи бузург ба назар мерасад, ки хеле ташвишовар аст.

Ҳоло корхона бо иқтидори нав дар як сол 15 ҳазор тонна нахи пахтаро коркард намуда, 12 ҳазор тонна ришта истеҳсол мекунад. Дар маҷмӯъ, иқтидори ресандагии корхона коркарди 25 ҳазор тонна нахи пахтаро дар як сол ташкил намуда, дар сурати пурра фаъолият кардани он 530 ҷойи доимии корӣ муҳайё мегардад.

Корхона дар семоҳаи аввали соли 2019 — ум 3185 тонна ришта истеҳсол кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 1242 тонна ё 64 фоиз зиёд мебошад.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияи Данғараро зарур аст, ки тибқи ҷадвали тасдиқгардида барои ба кор андохтани силсилаҳои навбатии маҷмааи истеҳсолии зикршуда, аз ҷумла сари вақт ба роҳ мондани истеҳсолоти бофандагиро таъмин намоянд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки ҷиҳати пурра аз худ кардани 15 ҳазор гектар замини барои корхонаи мазкур ҷудогардида вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Данғара бояд чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Бо вуҷуди захираҳои зиёди ашёи хом дар вилояти Хатлон фаъолияти корхонаҳои саноати сабук низ қаноатбахш нест.

Ҳафт корхонаи саноатии вилоят, ки иқтидори лоиҳавии коркарди зиёда аз 26 000 тонна нахи пахтаро доранд, соли 2017 ҳамагӣ 6500 тонна ва соли 2018 11 ҳазор тонна риштаи пахтагин истеҳсол кардаанд.

Илова бар ин, тибқи маълумоти оморӣ аз 168 корхонаву коргоҳҳои соҳаи нассоҷии вилоят ҳамагӣ 61 ва аз 17 корхонаву коргоҳи соҳаи дӯзандагӣ 7 корхона фаъолият кардааст.

Чунин вазъ роҳбарону масъулони соҳаро водор месозад, ки доир ба рафъи камбудиҳои ҷойдошта ҳарчи зудтар чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Азхудкунии заминҳои нав, истифодаи самарабахши замин, рушди соҳаи тухмипарварӣ, ба эътидол овардани ҳолати мелиоративии заминҳо ва дигар тадбирҳои агротехникӣ омилҳои асосии афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд.

Дар моҳҳои январ-апрели соли 2019 дар ҳудуди вилояти Хатлон қариб 700 гектар заминҳои партов ба гардиши кишоварзӣ баргардонида, беш аз 1400 гектар заминҳои нав аз худ карда шудаанд.

Вале ин ҳанӯз кам буда, имконияти зиёд намудани майдони заминҳо дар вилоят вуҷуд дорад.

Дар қаламрави вилоят соли 2018 21 ҳазор гектар замини партов ба қайд гирифта шудааст.

Аз ин рӯ, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор аз ҳисоби беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо зиёд кардани кишти зироатҳо, иҷрои сифатноку сариваҳтии Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмондаро таъмин намоянд.

Инчунин, роҳбарону мутахассисони шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар заминҳои партов ва талу теппаҳо дарахтони соявафкану ороишӣ шинонида, майдони ҷангалзорҳо ва парваришгоҳҳои чунин дарахтонро васеъ гардонанд.

Дар вилояти Хатлон ба ҳолати 20 майи соли 2019-ум 54 гектар гармхонаҳои доимамалкунанда ва 653 гектар гармхонаҳои мавсимӣ фаъолият дошта, аз онҳо қариб 10 ҳазор тонна маҳсулоти тару тоза истеҳсол ва ба фурӯш бароварда шудааст, ки назар ба соли гузашта бамаротиб зиёд мебошад.

Бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарону мутахассисони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзӣ ва масъулони соҳа дар самти боз ҳам зиёд намудани майдони гармхонаҳо ва ворид намудани технологияҳои муосир тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Дар баробари ба маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ таъмин кардани талаботи бозори дохилӣ бояд ба ташкили инфрасохтори зарурии нигоҳдорӣ, бастубанд ва содироти он ба кишварҳои дигар аҳаммияти аввалиндараҷа диҳем.

Ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, яъне чи маҳсулоти растанипарварӣ ва чи чорводорӣ яке аз омилҳои муҳимми афзун намудани иқтидори содиротии кишвар ва муҳайё кардани ҳазорҳо ҷойи нави корӣ мебошад.

Аз ин рӯ, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки дар корхонаҳои мавҷудаи мамлакат коркарди маҳсулоти чорво ва меваю сабзавотро ҳарчи бештар ба роҳ монда, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолиро таъмин намоянд.

Вилояти Хатлон дар бобати таъмин намудани бозори дохилии кишвар бо маҳсулоти чорводорӣ имкониятҳои хеле зиёд дорад.

Дар вилоят саршумори чорвои калон дар панҷ соли охир аз 871 ҳазор сар то 986 ҳазор сар расонида шудааст, ки беш аз 90 фоизи он ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд. Саршумори чорвои хурд дар ин давра аз 2 миллион сар ба 2,4 миллион сар афзоиш ёфтааст, ки 40 фоизи саршумори чорвои хурди кишварро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, қариб 90 фоизи истеҳсоли гӯшт ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ҷиҳати ташкили хоҷагиҳои фермерӣ дар соҳаи чорводорӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Парандапарварӣ, яъне истеҳсоли гӯшти парҳезӣ низ соҳаи муҳим буда, саршумори паранда дар вилоят имрӯз 1,9 миллион сарро ташкил медиҳад. Талаботи саршумори он дар моҳҳои январ-марти соли 2019 назар ба ҳамин давраи соли гузашта 8 баробар зиёд шудааст, ки андешидани тадбирҳои ҷиддии пешгирикунандаро талаб менамояд.

Таъкид месозам, ки ташкили фаъолияти самараноки хоҷагиҳои чорводориву парандапарварӣ ва таъмин намудани онҳо бо хӯрокаи хушсифат кафолати афзоиши даромади хоҷагиҳо ва таъмини сариваҳтии бозори истеъмолии кишвар бо гӯшту шир ва тухм ба ҳисоб меравад.

Бо истифода аз мавсими боришоти зиёд дар фасли баҳор ва зиёд шудани алафи табиӣ бояд ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2019- 2021, яъне барои ду соли минбаъда ҳаматарафа омодагӣ бинем.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати чарогоҳҳо ва истифодаи самараноки онҳо, кишти навъҳои сергизои хӯроки чорво, самаранок истифода бурдани қитъаҳои замини фонди давлатии ҷангал, сари вақт ҷамъоварӣ кардани алафи табиӣ ва захира намудани хӯроки дурушти чорво барои на кам аз ду сол ҳамкориро бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монанд.

Ҳамчунин, бо истифодаи тамоми захираву имкониятҳо бояд саршумори чорвои хушзоту сермаҳсул зиёд карда шавад.

Мо соҳаи парандапарвариро ва моҳипарвариро дастгирӣ карда, соли ҷорӣ дар ин самт як қатор имтиёзу сабукиҳоро ҷорӣ намудем. Вале аз ин ҳисоб дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии вилоят соли 2018 истеҳсоли тухм ҳамагӣ 6,8 миллион донаро ташкил кардааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар ҳамин давра беш аз 70 миллион дона тухм истеҳсол шудааст. Чунин ҳолат аз нокифоя будани кор дар самти ташкили корхонаҳои парандапарварӣ дар вилоят гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин масъала танҳо корхонаи парандапарварии “Беҳамто” дар ноҳияи Ёвон истисно шуда метавонад.

Вилояти Хатлон дар самти боз ҳам афзоиш додани истеҳсоли моҳӣ имкониятҳои фаровон дорад. Аз ин рӯ, ба роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки фаъолияти худро доир ба дастгирии ҳаматарафаи соҳибкорону сармоягузорон дар соҳаҳои парандапарварӣ ва моҳипарварӣ тақвият бахшанд ва ҷиҳати ташкили корхонаҳои хӯроки паранда ва моҳӣ корҳои амалиро ба роҳ монанд.

Ҳамзамон бо ин, бояд бо истифода аз захираву имкониятҳо доир ба рушди соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолоти саноативу кишоварзӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Инчунин, дар самти баланд бардоштани мадданияти заминдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиш додани ҳаҷми содироти он ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ чораҳои мушаххас андешидан зарур аст.

Таъкид менамоям, ки вилояти Хатлон имкониятҳои бузурги рушди соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва туризмро дорад.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо якҷо бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадоранд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда оид ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва баровардани шаҳру ноҳияҳои вилоят аз субвенсия чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Илова ба мушкилоту масъалаҳои зикршуда мехоҳам таъкид намоям, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар самти ташаккул ва иҷрои буҷет, истифодаи замин ва масоили вобаста ба он камудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд, ки бояд ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд.

Тибқи маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия зимни тафтиши маҷмӯии ташаккул ва иҷрои буҷети вилояти Хатлон ва 16 шаҳру ноҳияи он дар солҳои 2017 – 2018 беш аз 37 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст.

Зарари молиявӣ бештар дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Вахш, Ёвон, Ҷайҳун, Кушониён, Фархор, Панҷ, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ ва Восеъ ошкор карда шудааст.

Барои роҳ додан ба камбудиҳои молиявӣ 306 нафар шахси масъул ба ҷавобгарии интизомӣ ва 4 нафар аз вазифаи ишғолнамудааш озод карда шудааст.

Дар соли 2018 дар вилоят 576 ҷинояти коррупсионӣ, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд ошкор карда шудааст.

Шумораи бештари ҷиноятҳои ошкоргардида дар ноҳияи Вахш 87 ҳолат, шаҳрҳои Кӯлоб 56, Бохтар 56, ноҳияҳои Кушониён 64, Носири Хусрав 43, Ҷалолиддини Балхӣ 39, Восеъ 31, Ҷайҳун 29, Муъминобод 23 ва Хуросон 20 ҳолат ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин давра аз тарафи кормандони Агентӣ дар ҳудуди вилоят 134 ҷинояти коррупсионии вобаста ба замин ошкор гардидааст.

Ҷиноятҳои коррупсионии марбут ба хариду фурӯши ғайриқонунии замин бештар дар ноҳияҳои Вахш 42 ҳолат, Абдураҳмони Ҷомӣ 16, Ёвон 13, шаҳри Кӯлоб 12 ва ноҳияи Ҷайҳун 9 ҳолатро ташкил кардаанд.

Субъектҳои содиркунандаи ҷинояти мазкур асосан раисон ва заминсозони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот — 47 нафар, кормандони кумитаҳои замини шаҳру ноҳияҳо – 41 нафар, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ – 2 нафар ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо – 2 нафар мебошанд.

Раисони баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳангоми ҷудо намудан ва вобаста кардани заминҳо таъиноти кишоварзӣ, инчунин, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани онҳо қарорҳои беасос ва ғайриқонунӣ қабул мекунанд.

Дар давоми солҳои 2017 — 2018 ва чор моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти прокуратура ба 468 қарори ғайриқонунӣ қабулнамудаи раисони шаҳру ноҳияҳо эътироз оварда шуда, онҳо бекор ё ба талаботи қонун мутобиқ гардонида шудаанд.

Аз ҷумла ба қарорҳои раисони ноҳияҳои Ҷайҳун 45, Вахш 38, Фархор 36, Кушониён 33, Шаҳритус 32, Восеъ 30, Ҳамадонӣ 25, Қубодиён 24 ва Ёвон 18 эътироз оварда шудааст.

Яке аз сабабҳои чунин вазъ дар он аст, ки шахсоне, ки барои омода кардани қарор масъул мебошанд, аз ҷумла муовинони соҳавии раисони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони дастгоҳ, ҳуқуқшиносон, меъморон ва раисони кумитаҳои идораи замин дар иҷрои вазифаҳои худ бемасъулиятӣ зоҳир намуда, ба раисони шаҳру ноҳияҳо хулосаҳои нодуруст пешниҳод мекунанд ё худ лоиҳаи қарорҳоро наомӯхта, ба он имзо мегузоранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кормандони корхонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқули шаҳру ноҳияҳои вилоят дар тақсимоти ғайриқонунии заминҳо даст зада, ҷиноят содир намудаанд.

Чунончи, мутахассиси корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқули ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Қурбонов Алишер дар давраи соли 2018 майдони 0,60 гектар заминҳои корами обии хоҷагии деҳқонии “Файзалӣ Саидов”-ро ба 6 нафар шаҳрванд ба ивази 18000 доллар барои сохтмони манзили истиқоматӣ фурӯхтааст.

Бо истифода аз иштироки роҳбарону фаъолони ҳамаи шаҳру ноҳияи вилоят мехоҳам боз як масъалаи муҳимро таъкид намоям.

Соли ҷорӣ ҳиссаҷудокунӣ ба соҳаи маорифи вилояти Хатлон беш аз 1 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ки ба 60 фоизи буҷети вилоят баробар буда, нисбат ба соли 2018-ум 17 фоиз зиёд мебошад.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ба соҳаи маориф ҷараёни татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, хусусан, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва азнавсозии онҳо, муҳайё кардани ҷойҳои нишаст ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар вилояти Хатлон нигаронкунанда мебошад.

Дар ин маврид мехоҳам ба чанд масъалаи ҳалталаби соҳаи маорифи вилоят таваҷҷуҳи шуморо ҷалб намоям:

— шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят назар ба соли хониши 2017-2018 22 000 нафар афзудааст, ки барои ба раванди таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо ҳар сол зарурати бунёд намудани на кам аз 10 мактаби нав ва синфхонаҳои иловагӣ ба миён меояд;

— то ҳол дар вилоят 39 муассисаи таълимӣ фаъолияташонро дар се баст идома дода истодаанд;

— 303 муассисаи таълимӣ ба сохтмони бинои иловагӣ ва азнавсозӣ зарурат доранд;

— то ҳанӯз 11 мактаб дар хонаҳои шахсӣ ва 3 муассисаи таълимии дигар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд;

— 17 фоизи компютерҳои муассисаҳои таълимии вилоят таъмирталаб шудаанд;

— аз шумораи умумии хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии бо роҳхати Вазорати маориф ва мактабҳо фиристодашуда соли гузашта ҳамагӣ 60 фоизи онҳо ба ҷойи кор ҳозир шудаанд.

Соли 2018 тибқи нақша дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 12 муассисаи таълимии нав ва 194 синфхонаи иловагӣ бо муҳайё намудани беш аз 19 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст, ки нишондиҳандаи мазкур барои яке аз вилоятҳои бузургу сераҳолии кишвар хеле кам мебошад.

Тавре ки гуфтам, то ҳол дар як қатор ноҳияҳои вилоят муассисаҳои таълимӣ дар биноҳои ҷамъиятӣ ва дигар иншооти ғайриталимӣ амал мекунанд, ки чунин вазъ аз Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади ҳалли мушкилоти соҳаи маорифи вилоят барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлонро барои солҳои 2017-2021 қабул карда, барои татбиқи он маблағи зиёд ҷудо намудааст.

Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки доир ба вазъи иҷрои барномаи зикршуда ба Ҳукумати мамлакат гузориши муфассал пешниҳод намояд.

Зеро тибқи маълумот ҷараёни татбиқи барнома дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад. Масалан, дар доираи барнома бояд то соли 2021-ум 556 муассисаи таълимӣ бунёд карда шавад, аммо гарчанде аз қабули он дуюним сол сипарӣ шудааст, дар ин муддат ҳамагӣ 26 бинои муассисаи нави таълимӣ бунёд гардидааст, ки 4,6 фоизи иҷрои барномаро ташкил медиҳад. Айни замон сохтмони 59 мактаби дигар идома дорад ва дар муддати дуюним соли боқимонда бунёд кардани 471 муассиса зери шубҳа боқӣ мемонад.

Соли 2018 дар вилоят 49 ҳазор хонанда синфи 11-ро хатм карда, 37 ҳазору 400 нафар ё 76 фоизи онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дохил шудаанд.

Дар баробари ин, шумораи дохилшавии хатмкардагони соли 2018 ва солҳои қаблӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии мамлакат бо сабаби паст будани сатҳи дониши довталабон, хусусан, дар мактабҳои миёнаи ноҳияҳои Хуросон, Панҷ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Шаҳритус, Носири Хусрав, Қубодиён ва Ҷайҳун сол ба сол кам шуда истодааст.

Бинобар ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар қаламрави вилоят тадбирҳои қатъӣ андешида, барои иҷро гардидани барномаҳои дар самти рушди маориф ва илм қабулшуда чораҳои иловагии амалӣ созанд.

Соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 214 ҳолати содиршавии ҷиноят аз тарафи ноболиғон, ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 42 ҳолат зиёд мебошад. Инчунин, 27 ҳолати монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ муайян карда шудааст.

Чунин вазъ далели камтаваҷҷуҳии роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва кормандони соҳаи маориф, устодону омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа дар самти тарбияи дурусти фарзандон мебошад.

Аз ин лиҳоз, бори дигар таъкид менамоям, ки ҳар яки мо бояд нисбат ба сарнавишти наврасону ҷавонон бетараф набошем ва кӯшиш кунем, ки фарзандонамон аз муҳити таълиму тарбия берун намонанд. Зеро сармояи асосии ҳар як оила ва давлат, пеш аз ҳама, ҷавонони соҳибмаърифату донишманд ва мутахассисони баландихтисоси замонавӣ мебошанд.

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки иҷрои босифат ба саривақтии нақшаи корҳои ободониву созандагӣ – бунёди муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ, нуқтаҳои хизматрасонӣ, роҳу пулҳо, кашидани хатҳои обрасонӣ ва дигар амалҳои хайр, инчунин, иҷрои барномаҳои қабулшудаи рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо, пеш аз ҳама, аз масъулиятшиносӣ, маҳорати кордонӣ ва қобилияти ташкилотчигии шумо – роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва фаъолони ҷомеа вобаста мебошад.

Дар раванди лоиҳакашӣ ва иҷрои корҳо доир ба бунёди иншооту биноҳои нав зарур аст, ки ба масъалаи риояи санъати баланди меъморӣ, технологияҳои муосири бинокорӣ ва сифати корҳои сохтмон эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Ҳоло моҳи шарифи рамазон идома дорад. Ин моҳи муборак беҳтарин айёми анҷом додани амалҳои хайру савоб, яъне дасти ёриву меҳрубонӣ дароз кардан ба ятимону маъюбон, беморону шахсони бесаробон, муҳтоҷон ва оилаҳои камбизоат мебошад. Ба ин маънӣ дар як ҳадиси пайғамбари ислом чунин омадааст: — "Беҳтарин ва боарзиштарин садақа он аст, ки дар моҳи рамазон анҷом гирад".

Дар паёми табрикотии худ ба муносибати оғози моҳи рамазон дар асоси ояти 60 – уми сураи "Тавба" гуфта будам ва ҳоло бори дигар хотиррасон месозам, ки садақаи фитр ва хайрот, пеш аз ҳама, ба наздикон, хешу табори камбизоату муҳтоҷ, табақаҳои ниёзманди ҷомеа, яъне ятимону маъюбон, шахсони бесаробон ва оилаҳои камбизоат аз ҳисоби закмати ҳалол ва бо дасту қалби пок дода мешавад.

Баъди чанд рӯз иди саиди фитр фаро мерасад. Бо истифода аз фурсат, ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони вилояти Хатлон масъалаи сарфаю сариштакориро такроран таъкид месозам. Оростани дастархони серхарҷу пурдабдаба ғайр аз намоишкорӣ, зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ чизи дигаре нест. Ин хислатҳо дар дини мубини ислом ва ҳадисҳои пайғамбар маҳкум ва накӯҳиш шудаанд.

Доир ба ин масъала Расули Худо фармудаанд: — "Ҳамон кас ба ман имон наовардааст, ки бо шикамаи сер мехобаду ҳамсояаш гуруснa аст ва ӯ аз гуруснагии вай хабар дорад". Фаромӯш набояд кард, ки бо як рӯзи ид дунё ба охир намерасад. Мову шумо бояд фикри фардои зиндагиву рӯзгори оилаи худ, андешаи таъмини фарзандон ва таълиму тарбияи дурусти онҳоро низ кунем.

Итминон дорам, ки мардуми сарбаланду заҳматпешаи вилояти Хатлон ҷиҳати ба даст овардани ҳосили фаровон, ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ва фаровонии дастурхони сокинони мамлакат, бо роҳи вусъат додани корҳои созандагӣ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон минбаъд низ саҳми арзандаи хешро дареғ намедоранд.

**Саломат бошед!**

# Арсаи ободкориҳо

**Дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи як зумра иншоот, ки ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишвар бунёд шудаанд, иштирок намуданд.**

23 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара аз Намоиши чорвои хушзоти хоҷагиҳои чорвопарварии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дидан намуданд.

Хоҷагиҳои зотпарварии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар Маркази савдои Каёнӯш намунаи чорвои хушзоти хурду калон ва намудҳои гуногуни парандаю моҳӣ ва дигар дастовардҳоро ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин намоишгоҳ муаррифӣ карданд.

Мақсад аз намоиши дастовардҳои соҳаи чорводорӣ, ки дар партави дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гардид, муаррифии бештари дастовардҳои хоҷагиҳои чорводорӣ ва бо ҳамин восита мусоидат намудан ба таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар макони баргузории намоиши чорвои хушзот нахуст навгониҳои озмоишгоҳи байторӣ ва дигар дастовардҳои Муассисаи давлатии бордоркунии сунъӣ пешкаш карда шуд.

Таъкид гардид, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо ворид намудани таҷҳизоту дастгоҳҳои муосири бордоркунии сунъии чорво, ки бо мақсади хушзоткунӣ амалӣ карда мешавад, хоҷагиҳои чорвопарвар тайи солҳои охир ба пешрафтҳои зиёде ноил гардидаанд.

Дар Намоишгоҳ хоҷагиҳои чорвопарвари вилояти Хатлон зиёда аз 150 сар чорвои калони зотҳои шветсу зебумананд, сиёҳало, сементал, қазоқии сарсафед, абердин-ангус ва аз 630 сар моли майдаи зотҳои ҳисорӣ, қароқулӣ, тоҷикӣ, маҳинпашми дарвозӣ ва наздики 30 сар аспи тоҷикиро ба маърaз гузоштанд.

Пешвои миллат дар даромадгоҳи деҳоти «Пушинг» бо буридани лентаи рамзӣ роҳи мошингарди "Данғара – Пушинг"-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ин роҳ деҳаҳои Пушинг, Алиҷон, Ғиҷовак ва Паркамичро бо маркази ноҳияи Данғара мепайвандад ва дарозии он 18 километрро ташкил медиҳад.

Акнун баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор додани роҳи мошингард ҳазорҳо нафар сокинони деҳаҳои Пушинг, Алиҷон, Ғиҷовак аз ин роҳ ба таври самаранок истифода мебаранд.

Дар маркази деҳаи Пушинг бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як мактаби муосир бунёд гардид.

Сохтмони бинои нави мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 5-и деҳаи Пушинг соли 2016 оғоз гардида, дар рӯзҳои фасли зебои баҳор мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Мактаб барои 1520 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, аз ду бинои алоҳида иборат аст. Муассисаи таълимӣ се ошёна буда, дорои 30 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои компютерӣ бо 25 компютер, химия, биология ва физика мебошад. Ҳамаи синфхонаҳо бо ашёи зарурии хониш, мизу курсиҳо ва асбобҳои аёнӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Барои таъмини пурраи шароити илму ҳунаромӯзӣ, ба машқу тамрин фаро гарифтани фарзандон дар муассисаи тозабунёд муосиртарин шароит фароҳам оварда шудааст, аз ҷумла, толори варзиш бо 300 ҷойи нишаст ва майдончаи варзиш барои бозиҳои мухталифи варзишӣ.

Барои баргузории чорабиниҳои гуногуни мактабӣ, маҳфилҳои фарҳангӣ ва дигар ҷамъомадҳо толори маҷлис бо 250 ҷойи нишаст бо тарҳи хеле зебо сохта шудааст.

Ошхона бо 50 ҷой, бухона барои гармидиҳӣ ба синфхонаҳои мактаб, ҳавзи об барои таъмини оби ошомиданӣ бо ғунҷоиши 15 куб об ва анбори захираи ангишт аз имконоти дигари муассиса мебошад, ки дар вақти бунёди мактаб ба инобат гирифта шудааст.

Дар як мавзеи хушбоду ҳавои деҳаи Пушинг Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон варзишгоҳи навро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо сокинону фаъолони деҳа мулоқоти самимӣ доир карданд.

Яке аз иншоотҳои арзандаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сокинони деҳаи Пушинг бунёд кардаанд, Маҷмааи калони майдони Парчам ва Нишони давлатӣ бо варзишгоҳ ва растаи ҳунармандон мебошад.

Дар ҳудуди майдони Парчам ва Нишон, ки 2,5 гектарро ташкил медиҳад, гулгашт, боғи фароғатӣ, варзишгоҳ бо 2500 ҷойи нишаст, дӯконҳо дар растаи ҳунармандон бунёд шудааст.

Баландии пояи Парчам 25 метрро ташкил дода, андозаи матои он бараш 5 метр ва дарозиаш 10 метр мебошад. Баландии пояи Нишони давлатӣ 17 метр аст.

Варзишгоҳ, ки дар ҳудуди боғи Парчам ва Нишон сохта шудааст, барои 2500 ҷойи нишаст мебошад. Акнун имкон аст, ки дар ин майдон сокинон бозиҳои гуногун ва барномаҳои бошукӯҳи идона доир намоянд.

Дар идомаи сафари корӣ дар деҳаи Пушинг Пешвои миллат, аз Хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷӣ Лайло» боздид ба амал оварданд.

Дар ин ҷо Сарвари давлат бо фаъолияти хоҷагидорон, дастовардҳои онҳо шинос шуда, бо коргарон доир ба масъалаҳои истифодаи самараноки замин, истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ, рушди боғот ва таъмини амнияти озуқаворӣ, суҳбати самимӣ доир карданд.

Хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Лайло" яке аз хоҷагиҳои пешқадами деҳоти Пушинг мебошад, ки майдони зиёди заминҳои боирро обёрӣ карда, аз он барои беҳдошти шароити иқтисодию иҷтимоии аъзои хоҷагӣ ва фаровонии бозори истеъмолии деҳа самаранок истифода мебаранд.

Масоҳати умумии заминҳои хоҷагӣ 30 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор замини ҳосилдеҳ дар майдони 0,40 га 12 гармхона бунёд шудааст. Дар ин ҷо бо усули хос лиму, помидор, бодиринг, карам, гулкарам ва дигар сабзавот парвариш меёбад. Чун ҳамаи қоидаҳои агротехникӣ риоя мегарданд, ҳосили ниҳолҳои лиму ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ хуб аст. Дар хоҷагӣ ба таври мавсимию доимӣ ҳамагӣ 30 нафар бо кор таъмин шудаанд.

Дар деҳаи Пушинг Пешвои миллат Боғи фарҳангию фароғатӣ ва ҳавзи моҳипарвариро ифтитоҳ карданд.

Макони дигари сайру гашти сокинони деҳаи Пушинг Боғи фарҳангию фароғатӣ ё тамошогоҳ ва ҳавзи калон мебошад, ки ба ифтихори ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат оид ба ҳалли мушкилоти оби ошомиданӣ, аз ҷумла Даҳсолаи нави байналмилалии амал "Об — барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", бо иқдоми дастаҷамъонаи мардум ва соҳибкорон дар давоми 1 сол азнавсозӣ шуд.

Пешвои миллат дар деҳаи Ғарғараи ҷамоати деҳоти Корез бинои сеошёнаи Маркази хизматрасонии маишии ҶДММ «Файзи Карим»-ро мавриди истифодабарӣ қарор доданд.

Коргоҳи мазкур аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Сайфиддин Файзализода дар доираи эълони солҳои 2019 — 2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо сатҳу сифати баланд бунёд шудааст.

Ба Сарвари давлат маълумот дода шуд, ки 25 адад таҷҳизоти истеҳсоли ҷуроб ва 4 адад дастгоҳи истеҳсоли матои хоми коргоҳ, ки дар таҳхонаи бино ҷойгир аст, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид гардида, тариқи компютер идора мешавад ва ба раванди истеҳсолоту сифати баланди маҳсулот мусоидат менамояд.

Бо таъсиси ин маркази хизматрасонии маишӣ зиёда аз 70 нафар сокинони деҳаи мазкур соҳиби ҷойи кор шудаанд, ки 80 фисадашонро занону бонувон ташкил медиҳанд. Лозим ба таъкид аст, ки дар рафти корҳои бунёдӣ 40 нафар сокинон ва мутахассисони ҳамин деҳа ба кор таъмин буданд. Масоҳати умумии коргоҳ 15 садяк заминро ташкил медиҳад. Ҳуди бино дар масоҳати 4 садяк қомат афрохта, атрофи он бо гулу буттаҳои гуногун ва дарахтони ҳамешасабз оро ёфтааст.

Ин тасмими соҳибкорони ватандӯст дар амалӣ гардидани ҳадафи чоруми миллӣ — Саноатикунонии босуръати кишвар саҳми арзанда мегузорад.

# Ҳимояи марз – қарзи ватандорӣ

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ 25-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚЎШУНҲОИ САРҲАДӢ

*28 майи соли 2019, шаҳри Душанбе*



**Рафиқон генералҳо, афсарон, прапоршикҳо ва сарбозони Қўшунҳои сарҳадӣ!**

**Муҳтарам намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо шукргузорӣ аз истиқлолияту озодии давлату миллат, фазои орому осудаи кишвар, ваҳдату сарҷамъии мардуми шарифи Тоҷикистон, ки аз баракати онҳо барои ташаккули рукнҳои давлатдории миллӣ, аз ҷумла ҳифзи боэътимоди марзу буми сарзамини аҷдодиамон шароит ва имконияти мусоид фароҳам омадааст, ҳар кадоми шуморо ба ифтихори 25-умин солгарди таъсисёбии Қўшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рўзи сарҳадбононӣ тоҷик самимона табрик мегўям.

Соҳиби марзу бум ё ҳудуди муайяншуда будан дар қатори миллат, забон ва артиш яке аз нишонаҳои муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат мебошад. Гузашта аз ин, амнияти давлат ва миллат аз сатҳи ҳимояи сарҳадоти он вобастагии мустақим дорад.

Ҳанўз дар оғози истиқлолияти давлатӣ яке аз омилҳои асосии саршавии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон халалдор гардидани хатти сарҳади давлатӣ буд.

Дар он айёми ноором мо ҳанўз нерўҳои марзбонӣ ва ҳатто як нафар мутахассиси баландпоя надоштем. Бо истифода аз чунин вазъ, бадхоҳони миллату давлат бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба ҳудуди кишвари мо яроқу аслиҳа, маводи мухаддир ва адабиёти экстремистӣ ворид намуда, бо пуштибонии моддиву маънавии хоҷагони хориҷии худ ва дастгирии гурўҳҳои ҷинояткор Ватани азизамонро ба гирдоби ҷанги даҳшатноки шаҳрвандӣ гирифтор карданд.

Мардуми дар таҳлукаафтода хатти сарҳади беназоратмондаро убур карда, рў ба кишварҳои ҳамсоя ниҳоданд.

Чунин ҳолати вазнин, ки метавонист боиси парокандагии миллат ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони мо гардад, фарзандони содиқу огоҳи Ватанро водор сохт, ки моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи таърихии XVI Шўрои Олиро даъват ва баргузор намоянд.

Дар ҳамон иҷлосияи тақдирсоз дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бригадаи махсуси марзбонӣ ташкил карда шуд ва баъдан бо қарори раёсати Шўрои Олӣ дар ҳайати кумитаи зикршуда Раёсати ҳифзи сарҳад таъсис ёфт.

Бо мақсади ҳарчи бештар тахти назорат қарор додани вазъият ва пешгирӣ кардани воридшавии аъзои гурўҳҳои террористиву экстремистӣ ва қочоқи силоҳу маводи мухаддир зарурат ба миён омад, ки мо 28 майи соли 1994 дар сохтори мақомоти амнияти кишвар Қўшунҳои сарҳадиро таъсис диҳем ва ин санаи таърихиро ҳамчун “Рўзи сарҳадбонон” эълон намоем.

Яъне мо ба монанди дигар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ Қўшунҳои сарҳадиро низ дар давраи бисёр ҳассос ва аз ҳар лиҳоз мушкили таърихи кишварамон, бе ягон заминаи моддиву техникӣ ташкил кардем.

Бинобар ин, Қўшунҳои сарҳадӣ, ки ҳоло ба як сохтори аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳазу муосир ва сипари боэътимоди ҳифзи марзу буми мамлакат табдил ёфтаанд, яке аз дастовардҳои бузурги замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Таъсисёбии Қўшунҳои сарҳадӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон рўйдоди муҳим дар амри пойдории давлату миллат, ҳифзи амнияти ҷомеа ва ҳимояи марзу буми кишвар мебошад.

Дар он солҳои душвор сарҳадбонони мо дар ҳифзи сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон ва пешгирӣ кардани воридшавии гурўҳҳои муташаккилу мусаллаҳи ҷиноӣ, яроқу аслиҳа ва маводи мухаддир хизмати воқеан таърихӣ карданд.

Бояд гуфт, ки сарҳади давлатии миёни Тоҷикистон ва Афғонистон на танҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун минтақаи буферӣ мавқеи хосса дорад. Ин қисмати сарҳад беш аз 1400 километрро ташкил карда, асосан аз минтақаву мавзеъҳои мураккаб ва душворгузар иборат мебошад.

Яъне мо дар давоми бисту панҷ сол тавассути таъмин кардани ҳифзи марзҳои кишвари худ, ҳамзамон кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро низ аз хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳу маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ҳимоя карда истодаем.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги ин масъала, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз рўзҳои нахустини таъсисёбии Қўшунҳои сарҳадӣ дар самти фароҳам овардани заминаҳои муосири меъёрии ҳуқуқӣ, асосҳои зарурии моддиву техникӣ, ташаккул ва такомули сохтори идоракунии ҷузъу томҳои сарҳадбонӣ, бунёду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии инфрасохтори сарҳадӣ, инчунин, таълиму тарбияи мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуд.

Ҳоло иқтидори мудофиавии ҷузъу томҳои Қўшунҳои сарҳадӣ аз лиҳози таъминот бо кадрҳои соҳибтахассуси ҳарбӣ ва техникаву таҷҳизоти ҳарбӣ хеле мустаҳкам гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати пурзўр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ 3 раёсати минтақавӣ, 17 отряди сарҳадӣ, 2 отряди таъиноти махсус, Донишкадаи сарҳадӣ, эскадриляи алоҳидаи ҳавоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 34 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, 4 маркази таълимӣ, 3 госпитали ҳарбӣ ва 5 қисми ҳарбии таъминоти техникӣ таъсис ва бунёд карда шуданд.

Ҳамчунин, садҳо километр роҳҳои нави мошингарди сарҳадӣ кушода шуда, манораҳои мушоҳидавӣ ва дигар иншооти муҳандисӣ азнавсозӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, ҷиҳати таҳкими ҳимояи минтақаҳои осебпазири сарҳади давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот 92 дидбонгоҳи сарҳадии иловагӣ таъсис дода шуд.

Танҳо дар панҷ соли охир аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент барои бунёди иншооти сарҳадӣ аз ҳисоби буҷети давлат қариб 80 миллион сомонӣ хароҷот шудааст.

Дар ин давра, бо истифода аз имкониятҳои дохилии Қўшунҳои сарҳадӣ ва мақомоти иҷроияи давлатии шаҳру ноҳияҳо, дар маҷмўъ 173 иншооти сарҳадӣ таҷдиду азнавсозӣ шуда, корҳои сохтмон дар иншооти дигар бомаром идома доранд.

Таъминоти Қўшунҳои сарҳадӣ бо техникаи ҳарбӣ низ ҳамасола беҳтар гардида, дар муддати панҷ соли охир бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат зиёда аз 500 техникаи нав ва таҷҳизоти муосири сарҳадбонӣ харидорӣ карда шуд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати тарбияи кадрҳои ҷавону баландихтисоси ҳарбӣ ва беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии онҳо ҳамаи чораҳои зарурира амалӣ карда истодааст. Мо солҳои охир ба масъалаи боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи касбии устодону омўзгорон ҷалби мутахассисони баландихтисос ва таълиму тарбияи мутахассисони оянда, хусусан, кадрҳои сарҳадбон эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Ҳамасола 60-70 нафар ҷавонон барои таҳсил ба академияҳои сарҳадии кишварҳои пешрафта фиристода мешаванд. Дар давоми ин солҳо зиёда аз 850 нафар Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 536 нафар донишкадаҳои олии хориҷи кишварро хатм намуда, ҳоло дар ҷузъу томҳои гуногуни Қўшунҳои сарҳадӣ хизмат карда истодаанд.

Айни ҳол дар донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 467 нафар ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии сарҳадии хориҷи кишвар 260 нафар ҷавонони мо таҳсил доранд.

Дар зарфи бисту панҷ сол сарҳадбонони ҷасури мо якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиёда аз 25 тонна воситаҳои нашъадор, қариб 1200 мил силоҳ ва 6300 муҳиммоти ҷангиро мусодира намуда, 638 нафар қочоқчиёнро безарар ва 456 нафар шахсони сарҳадшиканро дастгир кардаанд.

Махсус ёдовар бояд шуд, ки дар тўли ин солҳо барои ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми кишвар, ҳаёти осудаи сокинон ва оромиву субoти мамлакат ҳангоми амалиёту муҳорибаҳои зиддитеррористӣ 148 нафар хизматчиёни ҳарбии Қўшунҳои сарҳадӣ ҷони худро қурбон кардаанд, ки мардуми шарифи тоҷик ва давлату Ҳукумати Тоҷикистон номи нек ва ҷасорату фидокории онҳоро ҳаргиз фаромўш нахоҳанд кард.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат заҳмати хизматчиёни Қўшунҳои сарҳадиро ҳамеша қадрдонӣ мекунад ва то имрўз 105 нафарро бо мукофотҳои олии давлатӣ қадрдонӣ намуда, бо истифода аз тамоми имкониятҳо ҳамеша доир ба беҳтар кардани шароити иҷтимоии онҳо чораҷўӣ мекунад.

То имрўз зиёда аз 1000 нафар хизматчиёни ҳарбии Қўшунҳои сарҳадӣ ва оилаи онҳо бо манзили истиқоматӣ таъмин шуда, раванди беҳсозии шароити манзили сарҳадбонон аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар ва роҳбарияти Қўшунҳои сарҳадӣ минбаъд низ идома дода мешавад.

Роҳбарияти давлат бо дарназардошти хусусиятҳои мушкили ҳифзи сарҳади давлатӣ минбаъд низ барои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоии ҳайати шахсӣ тамоми тадбирҳои зарурира амалӣ намуда, дастгириву ғамхориро ба хотири беҳсозии шароити хизмат ва зиндагии марзбонон тақвият мебахшад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вазъи мураккаби минтақа ва ҷаҳон, хусусан, авзои Афғонистони ҳамсоя, оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, фаъол гардидани гурўҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, зуҳури гурўҳҳои нави ҷинояткори фаромиллӣ, муттаҳидшавӣ ва мусаллаҳшавии онҳо бо силоҳу лавозимоти ҷангии муосир тақозо менамояд, ки барои ҳимояи хоки муқаддаси Ватани азизамон ҳар як сарбозу афсари бонангу номус ҳушёрии касбӣ ва зиракии сиёсиро аз даст надода, хизматро содиқона, бо эҳсоси баланди ватандорӣ ва оштинопазирӣ бо унсурҳои бегона адо намояд.

Шумо, ки дар сафи пеши ҳифзи сарҳади давлатӣ ва суботу оромии сокинони кишвар қарор доред, бояд интизоми қатъии ҳарбиро асоси фаъолияти ҳаррўзаи худ ҳисобида, ҳамеша ҳушёру зирак ва барои ҳимояи зиндагии осоиштаи халқамон доимо омода бошед ва нагузоред, ки унсурҳои ҷинояткор тавассути марз фазои орому осуда ва дастовардҳои мардуми шарифи Тоҷикистонро халалдор созанд.

Барои иҷрои ин рисолати пуршараф бояд саҳми афсарон назаррас бошад. Шумо — афсарони муҳтарам, бо ҳисси баланди миллӣ, малакаву таҷрибаи андўхтаи хеш ва муносибати ғамхорона нисбат ба зердастон дар таълиму тарбияи насли далеру шуҷои Ватани азизамон заҳмати худро дареғ надоред ва ҳамеша ба унвони баланди афсари марзбон сазовор бошед.

Ҳар як пораи хоки Тоҷикистони маҳбубамон бояд барои тамоми генералҳо ва афсарону сарбозон азизу муқаддас бошад ва ҳар як низомии бонангу номус ҳифз кардани онро барои худ қарзи фарзандӣ ва шарафи бузург ҳисобад.

Бовар дорам, ки шумо минбаъд низ барои суботу оромӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, амнияти сокинони кишвар ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ содиқона хизмат мекунед.

Бори дигар ҳамаи шумо — марзбонони далеру шуҷои кишвар ва муҳофизони марзу бум ва хоки муқаддаси Ватани азизамонро ба ифтихори 25-умин солгарди таъсисёбии Қўшунҳои сарҳадӣ табрик гуфта, дар ҷодаи хизмати бошарафатон – ҳимояи марзҳои давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон ва амнияти сокинони мамлакат барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша сиҳатманду сарбаланд бошед, ҳомиёни содиқи Ватан!**

# Камбудиҳо дар масъалаи интиқоли маълумот

**Чанде пеш дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, сардори Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз Абдусалом Раҳимзода, сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз Муҳаммадсаид Давлатзода, намояндагони ҶДММ «Фароз-пардохт» ва соҳибкорони шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон, ки ба таҳвил ва фурӯши маҳсулоти сӯзишворӣ машғуланд, семинар-машварат баргузор гардид.**



Сараввал, Аюбҷон Солеҳзода баромад намуда, муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои электронии онҳо»-ро, ки аз 1.3.2018 №82 қабул шудааст, шарҳ дод.

Номбурда қайд намуд, ки дар банди дуюми қарори мазкур таъкид шудааст, ки фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои захираҳои маҳсулоти нафту газ танҳо бо шарти таъмин шудани нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти (колонкаҳои) ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатӣ бо мавҷуд будани низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ дар шакли онлайн, ки тибқи барномаи аз тарафи субъекти интихобшуда дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, иҷозат дода шавад.

Инчунин, гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми элетронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бо савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғуланд, аз 1–уми июли соли 2018 амалӣ карда мешавад. Қарори мазкур ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ то санаи 1-уми сентябри соли 2018 мӯҳлат дод. Вале бо гузашти зиёда аз як сол он ба таври назаррас амалӣ нагардид. Ин дар ҳолест, ки мақомоти андоз пайваста бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ мӯҳтавои қарори мазкурро ба самъи андозсупорандагон мерасонад. Семинари имрӯза низ давоми корҳои фаҳмондадиҳии мақомоти андоз ба шумор меравад.

Номбурда аз мушкилиҳои пешомада дар ин самт ба таври муфассал қайд намуд. Яке аз мушкилиҳои асосии иҷро нагардидани қарори мазкур пеш аз ҳама монеъ шудани андозсупорандагон дар насби ин система мебошад. ҶДММ "Умед 2013" воқеъ дар ноҳияи Сино, ҶДММ "Ҳоҷии нур" воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ ва ҶДММ "Тоҷ ойл" воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ аз ҷумлаи андозсупорандагоне мебошанд, ки барои насби таҷҳизот садди роҳ гардидаанд. Аз намояндагони онҳо даъват ба амал оварда шуд, ки талаботи қарори мазкурро риоя намоянд. Ба гуфтаи ӯ, насби ин система бояд он шубҳаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти НФС-ҳо ба амал меояд, аз байн барад. Бояд адолати андозбандӣ нисбати фаъолияти пурраи соҳибкорӣ риоя шавад.

Инчунин, гуфта шуд, ки яке аз сабабҳои дигар - куҳна будани колонкаҳои НФС-ҳо аст, ки ҳангоми насби ин таҷҳизот ба кормандон монеа пеш меорад. Аз масъулин даъват ба амал оварда шуд, ки дар наздиктарин фурсат ин масъаларо низ ҳал кунанд ва барои насби онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Дар қайди мақомоти андоз ҷой надоштани баъзе андозсупорандагоне, ки ба ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, аз сабабҳои дигари пура иҷро нагардадани қарори мазкур ба ҳисоб меравад.

Сабаби дигари риоя нагардидани талаботи қарори мазкур, ин аз ҷониби соҳибони НФС-ҳо нишон надодани коргарони кироя ва музди маоши онҳо мебошад. Гуфта шуд, ки баъзе аз НФС-ҳо 24 соат фаъолият мекунанд, вале дар ҳисоботи худ коргарони кирояро як ё ду нафар нишон додаанд, ки ин аз мантиқ дур мебошад.

Номбурда ҳамчунин, аз банди 9 ҳамин қарор ёдовар шуд, ки тибқи он андозсупорандагоне, ки аз он риоя намекунанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Гуфта шуд, ки бо гузашти зиёда аз як сол тибқи қарори мазкур мақомоти андоз то ҳол соҳибкоронро барои иҷро накардани талаботи он ба ҷавобгарӣ накашидаанд. Бо вуҷуди ин андозсупорандагон талаботи онро риоя намекунанд. Вале аз ин пас мақомоти андоз маҷбур мешаванд, ки иҷрои банди 9 қарори мазкурро таъмин кунанд. Аз ин рӯ, аз андозсупорандагон даъват карда шуд, ки дар фаъолияти хеш аз системаи мазкур истифода намуда, талаботи қарори мазкурро пурра таъмин намоянд.

Сардори Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз Абдусалом Раҳимзода қайд кард, тибқи иттилое, ки мақомоти андоз дар ихтиёр доранд, воридоти қочоқии маводи сӯхт дар самти фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ (НФС) нисбат ба дигар самти фаъолият бештар ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, мақсади қарори мазкур аз таъмини шаффофият дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, инчунин, хизматрасонии электронии пешниҳоди ҳисобот, ҷамъоварии маълумот ва таҳияи дурнамо иборат аст.

Ҳангоми қабули қарори мазкур Кумитаи андоз тасмим гирифта буд, ки корҳои назоратиро дар ин соҳа кам намояд, аммо тавре мушоҳида шуд, баъзе андозсупорандагон ба қонунвайронкуниҳо даст задаанд, ки ин амал ба қисми даромади буҷет таъсири манфӣ расонд. Дар қисмати воридот, фурӯш ва бақияи маҳсулот фарқият дида мешавад ва фурӯши сӯзишворӣ нисбат ба воридот зиёд мебошад, ки эҳтимоли ҷой доштани воридсозии сузишворӣ тариқи қочоқро нишон медиҳад. Мувофиқи таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз, камбудиҳое, ки қаблан дар ҷаласаҳо ва семинар-машваратҳои мақомоти андоз аз онҳо сухан рафта буд, баръакс рӯз аз рӯз такрор ёфта истодааст. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, дар пурра ва дуруст нишон надодани даромади воқеӣ дар эъломияҳо, кам нишон додани шумораи коргарон ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст истифода накардани ҳисобнома-фактура зоҳир шудаанд.

Мавсуф гуфт, ки насби системаи автоматии нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ идома дорад ва ба ҳолати 1-уми майи соли 2019 аз 1055 нуқтаи НФС 683 адади он пурра бо системаи автомтӣ пайваст мебошад, ки маълумоти онҳо пурра ба махзани Кумитаи андоз ворид мегарданд. Аз ин рақам 95 фоиз ба вилояти Суғд, 90 фоиз ба шаҳри Душанбе, 90 фоиз ба шаҳри Турсунзода, 90 физ ба шаҳри Ҳисор, 90 фоиз ба шаҳри Шаҳринав ва 25 фоиз ба дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд.

Номбурда шартҳои муҷаҳҳазгардонӣ ва барномасозии ин қоидаҳоро шарҳ дода, гуфт ки хизматрасонӣ тариқи музднок таъмин карда мешавад ва арзиши барнома ва хизматрасониҳо аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда шудааст. Сифат ва саҳеҳии таҷҳизот аз ҷониби Оҷонсии «Тоҷикстандарт» ва мақоми ваколатдори давлатӣ муайян мегардад.

Ҳуқуқшиноси ҶДММ «Фароз-пардохт» Зуҳурбек Чоршанбиев оид ба аҳамият ва роҳу усулҳои насб намудани барномаи махсус маълумот дода, илова намуд, ки ҶДММ «Фароз-пардохт» ширкати дар амал татбиқкунандаи қарори мазкур ба ҳисоб меравад. Номбурда гуфт, ки пеш аз он ки ин системаро ба кор андозанд, намояндагони ширкат НФС-ҳои кишварро аз нав ба ҳисоб гирифтанд. Маълум шуд, ки колонкаҳои баъзе НФС-ҳо барои насби ин система мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, ширкат ба хулосае омад, ки системаи умумии идоракуниро таъсис дода ба колонакаҳое, ки дар онҳо имконияти насби системаи баҳисобгирии электронӣ мавҷуд нест, ба воситаи ин системаи умумиидоракунӣ насби ин система имконпазир гардад. Кормандони НФС-ҳо метавонанд, ки ҳангоми насби система ё аз колонкаҳои нав истифода кунанд, ё аз системаи умумиидоракунӣ кор гиранд. Аммо ӯ гуфт, дар баъзе ҳолатҳо иддае аз соҳибкорон ҳангоми насби система ба кормандони ширкат монеа эҷод мекунанд. Ҳол он ки тибқи банди 5 қарори мазкур ҶДММ «Фароз-пардохт» танҳо иҷрокунанда ба ҳисоб меравад.

Номбурда гуфт, ки қисме аз хизматрасониҳо ройгон ва қисми дигар тариқи пардохт амалӣ гардида, то имрӯз, дар фаъолияти 618 НФС ин система насб шудааст, ки ин рақам 372 адад дар вилояти Суғд, 90 адад ба шаҳри Душанбе ва 146 адад дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд, ки 64 фоизи тамоми НФС-ҳои кишварро ташкил медиҳад.

Намояндагони ширкат тариқи слайд тарзи насб намудан ва мавриди истифода қарор додани таҷҳизоти сабткунандаи маълумоти интиқоли маҳсулотро ба ҳозирон намоиш доданд.

Дар охир, байни корамандони мақомоти андоз, намояндагони ҶДММ «Фароз-пардохт» ва андозсупорандагон мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Компания, владеющая брендом Gucci, выплатила итальянским налоговикам 1,25 млрд евро




Luxury Goods International подозревалась в неуплате налогов

Французская компания Kering, владеющая рядом брендов модной одежды, включая Gucci и Yves Saint Laurent, выплатит итальянским налоговикам 1,25 млрд евро в рамках уголовного дела о неуплате налогов, пишет ТАСС.

«Kering объявляет о заключении соглашения с итальянскими налоговыми органами в рамках возбужденного уголовного дела в отношении швейцарской дочерней компании Luxury Goods International (LGI)», — сообщает компания. Размер дополнительных налогов, которые подлежали уплате, составляет 897 млн евро, также будут выплачены штрафы и проценты. «Таким образом, общая сумма составляет 1,25 млрд евро», — говорится в заявлении.

http://taxpravo.ru

# Машваратҳои судманд

Раёсати андоз дар вилояти Суғд оид ба фаҳмондадиҳии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар баён гардиданд, силсилаи вохӯрӣ ва семинар-машваратҳоро бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон доир намуд.

Тибқи нақша вохӯриҳо бо иштироки кормандони мақомоти андоз дар бинои раёсати андози вилоят, шуъбаҳои НАМ ва НАК дар вилояти Суғд, инчунин, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо баргузор шуданд. Дар ин вохӯриҳо роҳбарият ва кормандони масъули раёсати андоз ширкат намуда, дар якҷоягӣ бо кормандони мақомоти ҳудудии андози вилоят бори дигар он эродҳоеро, ки дар суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита нисбати фаъолияти соҳа ва кормандони он зикр шуда буданд, мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Дар рафти вохӯриҳо ба кормандони мақомоти андози вилоят таъкид шуд, ки минбаъд ҷиҳати беҳтар намудани раванди татбиқи Барномаи маъмурикунонии андоз, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ бо онҳо, ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ, таъмини риояи муқаррароти Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, баланд бардоштани дараҷаи касбият, хубу босифат ва мақсаднок ба роҳ мондани корҳои назоратии андоз, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияташон тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Силсилаи семинар-машваратҳо низ бо иштироки андозсупорандагон, роҳбарият ва шахсони масъулияти раёсати андози вилоят дар ҳама шаҳру ноҳияҳо сурат гирифтанд. Қайд гардид, ки минбаъд барои татбиқи барномаи маъмурикунонии андоз, беҳтару хубтар ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни онҳо аз ҷониби Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии он тамоми тадбирҳои судманд амалӣ мешаванд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА**
**вилояти Суғд**

# Баррасии масъалаҳои андоз

**24 - уми майи соли 2019 дар Нозироти андозсупорандагони калон дар мавзӯи «Низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилӣ ва проблемаҳои ҷойдошта дар фаъолияти ширкатҳое, ки бо сармояи субъектҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис ёфтаанд» семинар – машварат баргузор гардид, ки дар он намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, намояндагиҳои дипломатӣ, инчунин, роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои бо сармояи субъектҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсисёфта иштирок намуданд.**

Нахуст, муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода мақсади ҷамъомад ва мавзӯи баррасишавандаро шарҳ дод. Ӯ зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин кишварҳои бо ҳам дӯсту бародаранд ва солҳост муносибати дипломатӣ доранд. Ҳамкориҳои ин ду давлат дар самти иқтисоду саноат ва кишоварзӣ хеле зичу устувор аст.

Қайд шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 700 ширкат бо сармояи Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис ёфтаанд. Дар ду соли охир Чин ба иқтисодиёти кишвари мо 600 миллион доллар сармоягузорӣ намудааст. Ин нишондиҳандаи хуб аст, вале бо вуҷуди пешравӣ ва самаранокии фаъолияти ширкатҳо камбудию норасоиҳо низ ҷой доранд, ки рафъи онҳо ҳатмист.

Баъдан, Раиси дафтардории мушовир оид ба масоили савдою иқтисодии Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лю Тинтин баромад намуда, аз муносибати муштараки хуби ду кишвар дар самти савдою иқтисод сухан кард.

Дар идомаи ҷаласа, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назрулло Маликзода масъалаи тартиби дурусти пешбурди муҳосиботро мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро шарҳ дод. Мавсуф, дар мавриди тартиби татбиқи созишномаҳои сармоягузорӣ ва қарзӣ (грантӣ), қарзҳои ширкатҳо, асосҳои ҳуқуқии хулосаи аудит вобаста ба ӯҳдадориҳои андозӣ низ сухан намуд.



Дар баробари ин, қайд шуд, ки яке аз категорияҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ фаъолияти иқтисодии як гурӯҳ субъектҳои хоҷагидоре аст, ки бо сабабҳои гуногун ва дигар омилҳои мавҷуда, амалиётҳои анҷомдодаи онҳо моҳияти иқтисодинадошта дар он хавфи пардохт нагардидани андоз ҷой доранд. Чунин субъектҳо бо мақсади канорагирӣ аз пардохти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамоянд, ки ба мақомоти андоз ва омор қасдан маълумоти таҳрифшуда ва нодурустро пешниҳод намуда, дар ҳисобдории муҳосибӣ амалиётҳои молиявии анҷомдодаи худро пурра ифшо насозанд. Пурра нишон надодани ҳаҷми муомилот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст ба роҳ намондани ҳисобу китоби аниқи захираҳои молу маҳсулот, аз будаш зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшаванда, пурра нишон надодани даромади умумӣ, кам нишон додани болонархии таҳвили молҳои воридотӣ ва ғайраҳо асоси кори чунин ширкатҳои ғайрирасмист.

Сипас, сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, аз фаъолияти ширкатҳое, ки бо сармояи субъектҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис ёфтанду дар масъалаи андозбандӣ мушкилӣ доранд, сухан кард. Ӯ таъкид намуд, ки мебояд дар масъалаҳои дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи андозҳо аз ҷумла, бонусҳо, бақияи қарзи андозҳо, чораҳои пешгирӣ оид ба сари вақт пардохт накардани маблағи андозҳо, пурра ташаккул надодани сармояи оинномавӣ ва роҳ надодан ба амалиётҳои моҳияти иқтисодинадошта ва ҳамкорӣ намудан бо ширкатҳои бемасъулият, диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ширкатҳои моҳияти иқтисодинадошта имрӯз ба масъалаи ташвишовар табдил ёфтаанд. Ин гуна ширкатҳои «якрӯза», ки фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надоранд, дар аксар ҳолатҳо амалиётҳои бе амалан иҷрогардидаро ҳуҷҷатгузорӣ менамоянд. Илова бар ин, фаъолият ва амалиёти онҳо рӯз аз рӯз шаклҳои навро ба худ касб намуда, роҳҳои муносибтарро барои кам намудани ӯҳдадории андоз истифода мекунанд. Ба ҷои ба тиҷорати ҳақиқӣ машғул шудан, чунин ширкатҳо ҳамчун миёнарав байни ширкатҳои гуногун «хизмат» мерасонанд. Бо ин амалашон онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ зарари калон мерасонанд.

Бо амалӣ гардонидани барномаҳои нави компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва «Пайгирии ҳисобнома-фактураҳои ААИ» то андозае имкон фароҳам омад, ки пеши роҳи пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои қалбакии ААИ гирифта шавад.

Дар интиҳои семинар – машварат миёни намояндагони Кумитаи андоз ва андозсупорандаҳо – роҳбарони корхонаҳо суолу ҷавоб сурат гирифт.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Омилҳои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ

**Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ корхонаҳо бо фаъолияти самараноки истеҳсолиашон дар иқтисодиёт мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ақидаи мутахассисону коршиносон таъсис ва ташаккули корхонаҳо аҳамияти бузург дорад, зеро инкишофи ин сохтор метавонад асоси рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гардад.**

Корхонаҳои навтаъсис барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум, омили асосӣ ба ҳисоб мераванд. Таҷрибаи бисёрсолаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки бе шабакаи васеи корхонаҳо фаъолияти бозори молӣ ғайриимкон аст, чунки онҳо қобилияти баланди ҳаракатнокӣ ва ба шароитҳои гуногун мутобиқшавӣ доранд. Бунёди зиёди корхонаҳо имконият фароҳам меорад, ки соҳаҳои иқтисодиёт устуворона рушд кунанд.

Нақши корхонаҳо дар шароити имрӯза барои беҳтар кардани вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва дар навбати худ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ муҳим буда, харҷи зиёд шудани шумораи корхонаҳо кафолати рушди иқтисодиёт маҳсуб мешавад.

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият, аз он ҷумла, давлатӣ, хусусӣ, колективӣ ва дигар шаклҳои моликият дар ҷумҳурӣ то 1 январи соли 2018 ба 42031 адад расидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳо дар соли 2017 нисбат ба соли 2013, 2207 адад, аз он ҷумла давлатӣ 242 адад, хусусӣ ва колективӣ 1833 адад ва дигар шаклҳои моликият 132 адад зиёд шудаанд.

Дар се соли охир даромади пулии аҳолӣ 11 фоиз зиёд шуда, ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар нисбат ба соли гузашта 9 фоиз афзуда сатҳи камбизоатӣ то 29,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ солҳои охир таъмин гардида, танҳо дар соли 2018 зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шудаанд.

Чунone, ки аз тадқиқот бармеояд таъсиси корхонаҳои нав натанҳо барои беҳтар намудани сатҳи зидагии мардум, балки дар ғани гардидани буҷети давлат низ нақши муҳим мебозад.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути бунёди корхонаҳои нав ва дар ин замина, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ барои ноил шудан ба зиндагии арзандаи ҳар як оила равона шудааст.

**Амрулло НУРАЛИЗОДА,**
**муовини якуми ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

# Кӯшиш баҳри рафъи камбудиҳо

**Яке аз ҳадафҳои асосии гузаронидани санҷишҳои андоз ва корҳои назоратӣ (аз ҷумла, санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ, назорати камералӣ ва хариди назоратӣ) аз ҷониби мақомоти андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини воридоти саривақтии маблағи андозҳои дар рафти амалиётҳо ошкоршуда ба ҳисоб меравад.**

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Тибқи маълумоти Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун дар семоҳаи якуми соли 2019 аз ҷониби кормандони шуъбаи санҷишҳои нозироти андози ноҳия дар 61 нуқтаи савдову хизматрасонӣ, ки дар онҳо соҳибкорони инфиродӣ дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекарданд, санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст. Таҳлил ва омӯзиши санадҳои санҷишии андозҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам баъзе андозсупорандагон бо сабаби надоштани фарҳанги андозсупорӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ дода, дидаю дониста ба пинҳонкунии андозҳо даст мезананд.

Сардори нозироти андози ноҳия А. Раҳмонзода иттилоъ дод, ки дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ нисбати 6 нафар шахсе, ки бе ҳуҷҷати соҳибкорӣ фаъолият мекард, мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 10450 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ ва маблағҳои иловагӣ ҳисоб шуда, онҳо бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин гардиданд.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун барои вайрон кардани қонунгузории соҳаи андоз, нисбати 39 андозсупоранда парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба маблағи 340,64 сомонӣ ҷарима таъин гардидааст.

Яке аз самтҳои корҳои назоратӣ гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон ба ҳисоб меравад, ки он бо мақсади пешгирии



қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон гузаронида мешавад. Дар ин давра, дар фаъолияти 30 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, ба маблағи 798513 сомонӣ маблағҳои пинҳоншуда ошкор ва аз ин ҳисоб 540008 сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Насбу истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ шарти муҳими ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории хурду миёна буда, ин амал барои баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ва иҷрои дурусти ҳисобу китоби пулӣ бо аҳолӣ низ мусоидат мекунад.

Тибқи талабот дар давраи ҳисоботӣ дар самти таъмин кардани андозсупорандагон бо мошини назоратӣ-хазинавӣ дар нозироти андози ноҳия 12 адад пешбинӣ гардида буд. Кормандони нозироти андози ноҳия тавонистанд дар фаъолияти 12 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавӣ насб намоянд, ки ин 100%-и нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

А. Раҳмонзода қайд кард, ки дар ин давра барои баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон бо иштироки соҳибкорон 4 маротиба семинар-машварат гузаронида шудааст. Кормандони нозироти андоз кӯшиш мекунанд, ки минбаъд шумораи семинар-машваратҳоро зиёд намоянд, то андозсупорандагон аз қонунгузории андоз хубтар огоҳ шуда, ба қонуншиканиҳо даст назананд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар нозироти андоз дар 2 адад шахси ҳуқуқӣ ва 90 соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Аз шумораи умумии соҳибкорон 6 нафарашро соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда, 37 нафарро андозсупорандаи бо патент амалкунанда ва 47 ададро хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ёдовар мешавем, ки шумораи андозсупорандагон дар ноҳия 4975 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин 327 адад шахси ҳуқуқӣ, 4648 нафар соҳибкори инфиродӣ, аз ҷумла 174 нафар соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда, 916 нафар андозсупорандаи бо патент амалкунанда ва 3558 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошад.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун зимни санҷишҳои амалиётӣ ва корҳои назоратӣ тавонистанд, ки то андозае сари роҳи қонунвайронкуниҳоро бигиранд. Бо вуҷуди ин, онҳоро зарур аст, ки бобарии ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ низ диққати ҷиддӣ диҳанд, зеро танҳо тавассути ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ метавон фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардошт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**ноҳияи Ҷайҳун**

# Чипта бидеҳ, соҳибкор!

**Мақсад аз баргузор намудани вохӯрию семинар-машваратҳо бо соҳибкорон, пеш аз ҳама, беҳтар намудани маданияти андозсупорист. Агарчи барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, аммо муносибати андозсупорандагон ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест.**

Баҳри пешравии фаъолияти соҳибкорон ва боло бурдани фарҳанги андозсупорӣ дар шаҳри Ваҳдат бо ташаббуси нозироти андоз семинар-машварат доир гардид.

Семинар - машваратро сардори нозироти андоз Собирзода Шералӣ Акбар ифтитоҳ намуда, бобати вазъи пардохт намудани маблағи андозҳо суханронӣ кард. Мавсуф аз ҷумла зикр намуд, ки барои татбиқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои саривақтии нақшаи андозҳо ҳар яки мо масъул мебошем. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки тамоми саъю кӯшиши худро баҳри таъмини нақшаи андозҳо равона кунем.

Зикр шуд, ки зумрае аз соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳри Ваҳдат, мутаассифона, имрӯзҳо даромади умумии худро дуруст нишон намедиҳанд. Натиҷаи чунин муносибат ба иҷро нагаштани нақшаи андозҳои аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома амалкунанда оварда мерасонад.

- Боиси таассуф аст, ки қисми зиёди соҳибкорон ҳини фаъолият шумораи коргарони худро дар ҳисоботи андозӣ дуруст нишон намедиҳанд ва аз андозбандӣ дар канор мемонанд,- мегӯяд Шералӣ Собирзода. - Ғайр аз ин, мушкилии дигаре низ мавҷуд аст, ки аз бефарҳангии баъзе соҳибкорон шаҳодат медиҳад. Яъне, баъзан соҳибкорони инфиродӣ бо ҳар роҳу восита маблағи музди меҳнати коргарони кироии худро дар эъломияҳои андоз пурра дарҷ намекунанд. Ин агар аз як тараф хилофи қонун бошад, аз ҷониби дигар то ҳанӯз ҳам паст будани фарҳанги андозсупорро нишон медиҳад.

Бобати насбу мавриди истифода қарор гирифтани мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалидошта низ дар семинар ёдовар шуданд. Аз ҷумла сардори нозирот зикр намуд, ки тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як соҳибкори тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳангоми кору хизматрасонӣ ба мизоҷон аз мошини назоратӣ - хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ бояд истифода шавад. Мутаассифона, мавриди истифода қарор нагирифтани МНХ ҳангоми муомилоти пули нақдӣ аз ҷониби соҳибкорон зиёд ба назар мерасад. Чунин ҳолатро дар аксар мағозаву ошхонаҳо дучор омадан мумкин аст, ки боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар сурати истифода накардани МНХ ва ба мизоҷ надодани чипта дар асоси талаботи моддаҳои 614 – 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар охир миёни мутахассисони нозироти андоз ва соҳибкорон саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Минфин подготовил законопроект об отмене налога с прощенных долгов

## Гражданам, чей долг простили, не придется платить 13% от его суммы

Физлицам, списавшим безнадежную задолженность, не придется платить 13% в бюджет и сталкиваться с претензиями ФНС. Проект закона об отмене НДФЛ на списанные долги разработан Минфином, пишет РБК.

Списанные долги признали доходом и обложили налогом с 2016 г. В НК РФ были внесены изменения, определяющие прощенную задолженность как экономическую выгоду, с которой необходимо заплатить 13% налог. Простив долг, кредитор обязан сообщить об этом налоговиков, которая направит должнику требование об уплате налога. В 2017 г. по итогам первого года работы закона кредитные организации начали массово сообщать ФНС о гражданах, чьи долги были признаны безнадежными, а операторы связи предупредили должников о налоговых последствиях. Если безнадежный должник не платит налог, к нему применяются традиционные ограничения для неплательщиков, включая отказ в выезде за рубеж.

http://taxpravo.ru

# Таҷлили Рӯзи ҷавонон дар Кумитаи андоз

**23 майи соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н. М., муовини Раиси Кумитаи андоз Бахтиёр Султон, сардорони раёсатҳо ва кадрҳои ҷавони мақомоти андоз ҷамъомади бошукӯҳ бахшида ба Рӯзи ҷавонон баргузор гардид. Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н. М. ҷамъомадро ифтитоҳ намуда, аз ҷумла гуфт:**



- Воқеан, имрӯз ҷавонони мо ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Табиист, ки ин табақаи аҳолӣ дар ҳаёти ҳар гуна давлат, аз он ҷумла кишвари мо низ нақши муҳим хоҳанд дошт. Ҳукумати Тоҷикистон ҷавононро неруи тавонои созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат меҳисобад ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва таҳсилу фаъолияти онҳоро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ эътироф менамояд. Ғайр аз ин, Ҳукумати Тоҷикистон ҳифзу пойдории Истиқлолияти миллӣ, бунёди давлати муосиру пешрафта ва рушди ояндаи онро ба иштироки фаъолона ва саҳми бевоситаи ҷавонон вобаста медонад ва бо истифода аз имконоти мавҷуда кӯшиш мекунад, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии наврасону ҷавонон мунтазам беҳтар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо ҳамаи шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар ҷамъомад зикр шуд, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба масъалаи тарбия ва бозомӯзии кадрҳои ҷавон, таъмин намудани онҳо бо ҷойҳои корӣ низ аҳамияти калон дода мешавад. Дар ин самт таҷрибаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиқи омӯзиш аст. Бо мақсади таъмин намудани мақомоти андози мамлакат бо кадрҳои ҷавону болаёқат ва ташаббускор дар назди Кумитаи андоз Маркази такмили ихтисос фаъолият намуда истодааст. Илова бар ин ин, озмунҳои қабули кормандон ба мақомоти андоз низ мунтазам гузаронида мешаванд ва иштироккунандагони чунин озмунҳо аксаран ҷавононе мебошанд, ки донишгоҳу донишкадаҳои мамлакатро хатм намудаанд.

Қайд шуд, ки имрӯз дар ҳама бахшу соҳаҳои андоз имрӯз ба кадрҳои ҷавон ва мутахассисони хуби варзида ниёз ҳаст. Аз ин хотир, дар Кумитаи андоз пайваста озмунҳо ташкил мешаванду беҳтаринҳо ба кор ҷалб мегарданд.

- Айни ҳол дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он бештар аз 1800 нафар корманд дар ҳама бахшҳо фаъолият карда истодаанд, ки 462 нафари онро ҷавонони то 30-сола ташкил медиҳад. Аз ин шумора 26 нафарашон дар ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти андоз фаъолият доранд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст, - ёдовар шуд Давлатзода Н. М.

Сипас, ба иштирокчиёни ҷавон ба хотири такмили дониши андозӣ ва одоби муоширату муносибати хайрхоҳона бо шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти Кумитаи андоз китобҳо тақдим гардиданд.

Дар интиҳо аз ҷавонон даъват ба амал оварда шуд, ки баробари иҷрои вазифаҳои бар дӯшдоштаашон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияи муосир машғул шаванд ва вақти қимати худро зоеъ нагузаронанд. Инчунин, зимни иҷрои ухдадориҳои мансабӣ бо шаҳрвандон хушмуомила бошанд, то номи пуршарафи нозири андоз буданро доғдор насозанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Банақшагирӣ - калиди муваффақиятҳо

**Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар (10-уми майи соли 2019) дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат такони бузургеро ба амал овард. Дар ин вохӯрӣ Пешвои миллат тамоми паҳлуҳои фаъолияти сохторҳои дахлдорро, ки рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакат, сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо марбут аст, таҳлил намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро баён намуданд ва баҳри ислоҳи онҳо дастурҳои муфид доданд.**

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди ҳамаҷониба такмилёфтаву устувори иқтисодиёти мамлакат таъмин гардад.

“Якчанд масъалаи муҳим, алалхусус, ҷараёни нокифояи татбиқи ислоҳоти идораи молияи давлатӣ ва таъмин намудани суботи молиявӣ дар кишвар, номукаммалии низоми маъмурикунонии андоз, афзоиши номувозинатӣ ва иҷрои сифатноки қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва муфлисшавии чор бонки кишвар ва дигар масъалаҳо, аз ҷумла ба тақозои замона мувофиқат надоштани сатҳи касбияти кадрҳои бахши иқтисодӣ, яъне соҳаҳои молия, буҷету андоз ва пулию қарзӣ боиси ташвиши ҷиддӣ гардидаанд”, - махсус қайд намуданд дар баромадашон Пешвои миллат.

Сарвари давлат ҷиҳати банақшагирии буҷетҳои маҳаллӣ зикр карданд, ки тибқи таҳлилҳо, бо вуҷуди ҳар сол зиёд шудани ҳаҷми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, банақшагирии онҳо бе таҳлили имкониятҳои воқеӣ амалӣ мешавад. Ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти молия, андоз ва дигар сохторҳои марбутаи шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Дар ҳақиқат, чуноне аз таҷриба бармеояд, банақшагирии дурусту самароварии буҷетҳои маҳаллӣ асоси кори буҷету андозро ташкил медиҳад. Зеро роҳ ёфтани камбудиҳо дар таҳияи буҷет ба он боис мегардад, ки иҷрои нақшаи намудҳои андоз зери шубҳа монда, номувозинатӣ дар таъмини нақша ба амал меояд. Масалан, ҳангоми таҳияи буҷет барои соли дахлдори молиявӣ имкониятҳои мавҷудаи таъмини нақшаи андозҳо, аз ҷумла манбаи андозбандишаванда дар аксар мавридҳо ба назари эътибор гирифта намешавад, ки ин дар ҷамъбасти сол боиси иҷро нашудани нақшаи як ё якчанд намуди андозҳо гардида, сифатнокии таъминоти буҷаро халалдор месозад. Ҳарчанд, ки дар ин самт мақомоти ҳудудии андоз кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад, вале бо вуҷуди ин, дар таҳияи буҷет беэътиборӣ нисбати имкониятҳои воқеӣ дида мешавад.

Сабаби дигари иҷро нашудани нақшаи андозҳои маҳаллӣ дар қабули буҷетҳои иловагии бе таҳлилҳои иқтисодӣ таҳиягардида мебошад, ки ҳар семоҳа ва охири ҳар нимсола бо амри мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо қабул мегардад. Ҳангоми тарҳрезӣ намудани лоиҳаи буҷети иловагӣ дар маҳалҳо чуноне, ки шоҳидем, аксар вақт ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд, ки ин ҳаргиз ба манфиати кор нест. Масалан, бисёр сабабҳои объективие ҳастанд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷет ҳамаҷониба мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани онҳо аз ҳар ҷиҳат зарур аст. Мутаассифона, дар аксар мавридҳо ҳамин ҳолатҳоро нодида гирифта, буҷети иловагӣ қабул менамоянд, ки он натанҳо дар иҷрои нақшаҳои андоз халал ворид месозад, балки дар ҳолатҳои дигар нисбати соҳибкорон сарборӣ мешавад.

Проблемаи дигар набудани ҳисобдории аниқ аст. Айни замон тақрибан 350 ҳазор субъекти хоҷагидорӣ дорем. Аз ин тақрибан 32 ҳазорашон шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Яъне онҳо тавозун ва ҳисобу китоб доранд ва дар бонкҳо суратҳисоб кушодаанд. Хароҷоти худро пайваста ба қайд мегиранд. Ин, албатта, хуб аст, вале беш аз 94 ҳазор андозсупорандае, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, мутаассифона, ҳисобу китоби аниқ надоранд. Албатта, даромаду хароҷоташонро барои манфиати шахсии худ ба ҳисоб мегиранд, вале барои давлат ҳисобот намедиҳанд. Аз ин ҷиҳат барои афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар низоми дурусти ҳисобдорӣ лозим аст, ки мебояд содакардашуда бошад.

Ин аст, ки Пешвои миллат роҳбарони Вазорати молия ва раёсату шуъбаҳои минтақавии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки ба масъалаҳои банақшагирии дурусти буҷетҳои маҳаллӣ, мутобиқати хароҷот ба меъёрҳои муқарраргардида ва арзёбии имкониятҳои воқеии манбаъҳои андоз эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Ҳамчунин, Вазорати молия ва Кумитаи андозро муваззаф намуданд, ки якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолияти худро дар самти такмил додани раванди таҳлили имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳо ва корхонаҳои фаъолияткунанда, ояндабинии манбаъҳои воқеии андоз, пешгирӣ кардани афзоиши бақияи қарзи андозҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва ба ин васила кам кардани таъсири омили инсонӣ, бештар ва беҳтар ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотиву фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ба таври доимӣ тақвият бахшанд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба масъалаи роҳ додан ба камбудиҳо дар рафти санҷишҳои андоз, нокифоя будани дониши касбии санҷишгарон, вайронкунии талаботи қонун, бидуни таҳлили хавфҳо ва имтиёзҳои пешниҳодгардида гузаронида шудани назорати камералӣ ва ба зиммаи андозсупорандагон вогузор кардани пардохтҳои иловагӣ сухан карданд. Инчунин ба зиёд шудани ҳаҷми қарздорӣ аз ҳисоби андоз ва ҳодисаҳои пинҳон ё саркашӣ намудан аз пардохти онҳо ва боз ҳам содаю дастрас намудани хизматрасониҳо ба субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон дахл намуда, баҳри ислоҳи камбудиҳои зикргардида супоришҳои мушаххас доданд.

Эродҳое, ки аз ҷониби Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ нисбати мақомоти андоз баён шудаанд, дурусту асосноканд. Аз ин рӯ, мо – кормандони соҳаи андоз тамоми ҷидду ҷаҳди хешро ба он равона месозем, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, дар ғановати буҷет ва рушди иқтисоди кишвар саҳмгузор бошем.

***Дилшод ҲАКИМЗОДА,***

**сардори Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода**

# Меъёри музди меҳнат

**Дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Раҷабзода Мунавваршоҳ, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Илҳом Муродҳусейнов, инчунин, роҳбарону сармуҳосибони баъзе аз корхонаҳои пойтахт семинар – машварат баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои ҳадди номиналии музди меҳнат, пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисобу пардохти суди саҳмияҳо баррасӣ шуд.**



Муовини сардор Обиди Маҳмадсаид қайд кард, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар эъломияҳои андоз пурра нишон додани музди меҳнати дар асл пардохтшаванда, инчунин, ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷамъоварии андози даромад ва андози иҷтимоӣ, ба мактуби дастурӣ аз 23.08.2017, №11282/13.1- “д” ва 10.05.2018, №5828/13,3-“д” тағйиру иловаҳо ворид намудааст.

Ӯ гуфт, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани музди меҳнати ҳармоҳаи кормандони кироя намудҳои фаъолияти иқтисодии ҷумҳурӣ, мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя аз рӯи соҳаи фаъолият ба ҳисоби миёна дар соли 2018 ва давоми соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, андозаҳои зеринро ташкил додааст:

*- дар бахши саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ ва коркарди конҳо – 2501,7 сомонӣ;*

*- дар соҳаи сохтмон 2426,6 сомонӣ;*

*- дар соҳаи нерӯи барқ, газ ва таъминоти об – 1965,0 сомонӣ;*

*- дар соҳаи фаъолияти миёнаравиҳои молиявӣ, суғурта, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ – 2898,9 сомонӣ;*

*- дар соҳаи фаъолияти меҳмонхона ва тарабхонаҳо 1215,0 сомонӣ;*

*- дар соҳаи савдои яклухт ва чакана 1200,0 сомонӣ;*

*- дар соҳаи таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводи истифодаи шахсӣ 1000,0 сомонӣ;*

*- оид ба фаъолият дар ташкилоту мақомотҳои хориҷии дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 8301,3 сомонӣ;*

*- фаъолият дар соҳаи ташкили истироҳат ва вақтхушӣ, фарҳанг ва варзиш 1100,0 сомонӣ;*

*- фаъолият дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ 903,0 сомонӣ;*

*- дигар хизматрасониҳо дар соҳаи коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ 2869,0 сомонӣ.*

Вобаста ба ин, раёсат зарур мешуморад, ки ҳангоми гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва семинар - машваратҳо масъалаи мазкурро баррасӣ кунад. Инчунин, дар рафти қабули эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоии андозсупорандагон ва корҳои назоратӣ бо мақсади аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор шаффоф ва дар ҳаҷмҳои воқеан пардохташуда нишон додани музди меҳнати миёнаи оморӣ дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор аз рӯи соҳаи фаъолият аҳамият дода мешавад.

Дар семинар – машварат масъалаи суди саҳмияҳои корхонаҳо низ баррасӣ шуд. Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.16, таҳти рақами 1367 омадааст, суди саҳмияҳое, ки корхонаҳои резидентӣ мепардозанд, ба истиснои суди саҳмияҳои (пардохтҳои ғайриандозии) корхонаҳое, ки тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дигар аз фоидаи соф ба буҷети давлатӣ пардохт шуда, андозбандӣ мегардад, пардохт мешаванд, бояд аз манбаи пардохт тибқи меъёри 12 - фоиза андозбандӣ шаванд (ҚҶТ аз 14.11.16 с., №1367).

Имрӯз дар баробари мушкилоти дигар, масъалаи суди саҳмияҳо низ масъалаи ташвишовар гардидааст. Дар моддаи 17 Кодекси андоз омадааст, ки суди саҳмияҳо (дивидендҳо) - ҳама гуна тақсимоти восита ё молу мулки шахси ҳуқуқиро байни иштирокчиёни (саҳмдорони) он, ба истиснои даромади дар шакли саҳмияҳои худ дар байни саҳмдорон тақсим намудани шахси ҳуқуқӣ-эмитент ба дастовардаи иштирокчӣ (саҳмдор), он (тақсимот) таносуби фоизии (ҳиссаи) саҳмияҳои саҳмдоронро дар сармояи саҳҳомии (шарикии) шахси ҳуқуқӣ-эмитент тағйир намедиҳад, аз ҷумла, даромаде, ки саҳмдор (иштирокчӣ) аз шахси ҳуқуқӣ - эмитент ҳангоми тақсимоти фоидаи ҳарсолаи баъди андозбандӣ боқимонда мутаносибан ба миқдори (ҳиссаҳои) саҳмияҳои саҳмдор дар сармояи оинномавии (саҳҳомии, ҷамъшавандаи) ин шахси ҳуқуқӣ гирифтааст. Агар дар мӯҳлати шаш моҳи тақвимӣ пас аз соли ҳисоботӣ доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда қарори дахлдор қабул нашуда бошад, новобаста аз истифодабарии минбаъдаи он, барои мақсадҳои андозбандӣ фоидаи мазкур байни саҳмдорон (иштирокчиён) тақсимшуда ҳисобида мешавад.

Моро мебояд, ки ҳаддеро ки қонун муайян кардааст аз он нагузарем, дар иҷрои уҳдадориҳои худ масъулиятшинос бошем нагузорем, ки амали мо хилофи қонун бошад. Дар ин сурат мо метавонем ба дастовардҳои бузург ноил гардем.

Ҳамзамон, аз ҷониби иштирокчиён вобаста ба масъалаҳои баррасишуда саволҳо дода шуд. Ҳамин тавр онҳо, аз намояндагони мақомоти ҳудудии андоз ба саволҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## Тартиби ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

Сабабҳои аслии ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор, пеш аз ҳама, риоя нагардидани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқ накардани талаботи қонунгузории амалкунанда, пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз, сари вақт пардохт накардани бақияи қарзи андоз, роҳ додан ба пайдоиши қарзҳои нав, бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда, пардохт накардани маблағи андозҳои мувофиқи санади санҷиши ошкоршуда ва истифодаи ҳисобнома – фактураҳои қалбакӣ, умуман, камфаъолиятию бесалоҳиятӣ мебошад.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба андозсупорандагони бемасъулият» аз 6 майи соли 2019, таҳти №181 дар асоси талаботи банди 51 моддаи 17, қисми 3 моддаи 44, моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2.11.2015, №376 «Оид ба тасдиқ намудани тартиби ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор», ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият», ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2011, №57 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Бояд зикр кард, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагони дар замимаи №1-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд.

Ҳамзамон, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, татбиқи чораҳои маъмурӣ, андозсупорандагони дар замимаи №2-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 6 майи соли 2019, №181**

| Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шуданд: | | |
|---|---|---|
| **№** | **Номгӯи андозсупоранда** | **Сабабҳои ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон** |
| 1 | ҶДММ «Статус Э» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 2 | ҶДММ «Файз - 2019» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 3 | СИ Гулов Бузургмеҳр Гулович | Пешниҳод накардани эъломияи андоз ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз |

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 6 майи соли 2019, №181**

| Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шуданд: | |
|---|---|
| **№** | **Номгӯи андозсупоранда** |
| 1 | ҶДММ «Роҳи Нур» |
| 2 | ҶДММ «Танзимгар» |
| 3 | ҶДММ «Ганҷи Суҳроб» |
| 4 | КФД «Кони ангишти Зиддӣ» |

Зимнан, фармоиши зикршуда Раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳо ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки аз лаҳзаи ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳати islоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Трамп объяснил свои финансовые убытки стремлением платить поменьше налогов



**Так он отреагировал на статью в The New York Times, критиковавшей его методы управления бизнесом**

Президент США Дональд Трамп сообщил, что в 1980–1990 гг. многие девелоперы практически всегда сообщали в финансовой отчетности об убытках. В своем твиттер-аккаунте он поведал, что делалось это для того, чтобы уплачивать поменьше налогов, пишет РБК.

«Практически все старались показать свои убытки из-за вопроса налогов. Часто это позволяло пересмотреть соглашения с банками. Это был такой спорт», - заявил президент США.

По его словам, The New York Times, которая сообщила об истории 30-летней давности, крайне неаккуратно подошла к этим сведениям. Трамп назвал эту статью фейковой.

В материале NYT говорилось, что в 1985–1994 гг. Трамп, который занимался тогда недвижимостью, нес ежегодные убытки. Общие его потери издание оценило в $1,75 млрд.

**http://taxpravo.ru**

# Баҳисобгирӣ

## дар кадом ҳолат қарор дорад?

**Ҳарчанде, иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар мамлакат дар семоҳаи якуми соли 2019, дар маҷмӯъ, таъмин гардидааст, аммо он аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон ҳамагӣ 76 фоиз, Ваҳдат - 85 фоиз, Турсунзода - 91 фоиз, Ҳисор - 84,0 фоиз, Лахш - 90,0 фоиз, Файзобод - 35,0 фоиз таъмин шудаасту халос, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба даромади буҷет дар 3 моҳи соли 2019 дар ҳаҷми 1209,8 сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул ворид нагардидааст.**



### Маблағи ҳисобшудаи андозҳо

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар миқёси ҷумҳурӣ (бе дарназардошти ВМКБ) дар солҳои 2016-ум, 91,2 млн. сомонӣ, дар соли 2017 мутаносибан 146,5 млн. сомонӣ ва дар соли 2018 ба 157,7 млн. сомонӣ баробар мебошад, ки афзоиши он дар соли 2017 нисбати соли 2016 дар маҷмӯъ ба андозаи 160,6 фоиз ва дар соли 2018 нисбат ба соли 2017-ум 107,7 фоизро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи афзоиши маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 дар вилояти Суғд 101,4 фоиз, вилояти Хатлон 103,2 фоиз, шаҳри Душанбе 124,7 фоиз ва дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 104,8 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам пасттар мебошад. Ҳоло он ки, тавре аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд ҳамасола дар шаҳру ноҳияҳо ба шахсони воқеӣ барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дода шуда, дар ин замина як қатор деҳа, маҳалла, кӯча ва объектҳои тиҷоратӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида истодаанд.

### Азнавбақайдгирӣ ва азнавченкунӣ

Дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 апрели соли 2019-ум 1268,9 ҳазор адад шахси воқеӣ ба сифати супорандаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шудааст. Аз ин фаъолияти 1253,8 ҳазор адади онҳо тахти азнавбақайдгирӣ қарор дода шудааст, ки ба 98,8 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулк мутаносибан дар шаҳри Душанбе 98,0 фоиз, вилояти Суғд 101,4, вилояти Хатлон 96,0 фоиз, ВМКБ 102,5 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ дар маҷмӯъ, 98,7 фоизро ташкил медиҳад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки рафти ворид намудани маълумоти баҳисобгирифташуда дар барномаи компютерии «Баҳисобгирии андозҳо - шахсони воқеӣ» ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 975,6 ҳазор адад, ё 91,7 фоизро ташкил намудааанд. Нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд 94,9, Хатлон 92,6, ВМКБ 41,4, шаҳри Душанбе 97,0 ва ноҳияҳои тобеи марказ дар маҷмӯъ 87,1 фоизро ташкил медиҳанд.

Натиҷаи баррасии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон дод, ки дар рафти гузаронидани азнавченкунии объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ дар 36917 ҳолат объектҳои дар қайди мақомоти андознабуда ва ё масоҳати иловагӣ дар фаъолияти соҳибмулкон ошкор гардидааст. Аз ин ҳисоб дар фаъолияти онҳо, дар маҷмӯъ ба маблағи 28,5 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб шуда, дар рафти фаъолият 27,1 млн. сомонӣ ба буҷет таъмин гардидааст.

### Татбиқи барномаҳои таҳиягардида

Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи талаботи «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2014-2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, тахти № 428 тасдиқ гардидааст, бо мақсади мубодилаи байниидоравии маълумот, ба танзим даровардани феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, инчунин, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани назорати ҳисоб ва пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибмулкон санаи 19 сентябри соли 2016, № 07-Ф Фармоиши муштараки Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида буд.

Бо ин мақсад, дар натиҷаи ҳамкориҳои дуҷониба ва мубодилаи автоматикунонидашудаи маълумот, байни мақомотҳои давлатӣ барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст. Барномаи таҳиягардида ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шакли электронӣ ташкил гардида, дар як махзан ҷамъоварӣ ва ҳамарӯза дар реҷаи онлайн ба мақомоти андоз ворид шаванд. Тибқи маълумоти воридшуда аз КВД «Корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 72679 шаҳрванде, ки бо қарорҳои алоҳида ба онҳо объектҳои молу мулк ва қитъаҳои замин ҷудо шудааст, ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ҳамарӯза ворид гардида истодаанд. Бояд қайд намуд, ки аз 72679 адад объектҳои молу мулки воридшуда масоҳати объектҳои молу мулк мутаносибан ба 4921,0 ҳазор метри мураббаъ, биноҳои ёрирасон 1477,0 ҳазор метри мураббаъ ва масоҳати қитъаҳои замин дар маҷмӯъ ба 655752,0 метри мураббаъро ташкил медиҳанд.

### Маълумоти воридшуда

Маълумоти воридшуда аз КВД «Корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2019 мутаносибан дар шаҳри Душанбе 14593 адад, вилояти Суғд 20265 адад, вилояти Хатлон 17144 адад ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ бошад, дар маҷмӯъ 20336 ададро ташкил додаанд. Маълумоти воридшуда дар рӯи ҳар як шаҳру ноҳия дар алоҳидагӣ ташкил ёфта, дар он рақами кадастрии замин, ному насаби соҳибмулк, РМА, суроғаи молу мулк, масоҳати он, аз ҷумла ёрирасон ва қитъаҳои замин, таъиноти объекти молу мулк ва санаи бақайдгирӣ дарҷ гардидааст, ки тамоми ин маълумот вобаста ба баҳисобгирии чунин объектҳо, инчунин, барои андозбандӣ дар мақомоти андоз басанда мебошанд.

### Қонуншиканиҳо аз ҷониби соҳибмулкон

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор соҳибмулкон дар пардохти андоз ва бақайдгирии молу мулк беаҳамиятӣ зоҳир намуда, ба қонуншиканӣ роҳ додаанд. Чунончи, дар маълумоти ба ҳисоби КВД «Корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» воридгардида ба номи шаҳрванд Гулов Зубайдулло дар суроғаи кӯчаи Ҷ.Расулов 9 бо масоҳати 419121 метри мураббаъ қитъаи замин ва бо андозаи 3697 метри мураббаъ бинои истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудааст, аммо ба номи шаҳрванди зикргардида дар махзани маълумоти барномаи компютерии мақомоти андоз объекти молу мулк ба қайд гирифта нашудааст. Ба ин монанд, шаҳрванди дигар Исроилов Суҳроб дар суроғаи кӯчаи Дӯстии халқҳо 47 ба андозаи 3076 метри мураббаъ қитъаи замин ва бо масоҳати 1635 метри мураббаъ бинои баландошёна ба қайд гирифта шудааст, аммо нисбати ин шаҳрванд бо чунин масоҳат объекти молу мулки ғайриманқул дар қайд нест.

Инчунин, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба номи шаҳрванд Неъматов Акбаршо дар суроғаи кӯчаи А.Дониш бо масоҳати 21000 метри мураббаъ қитъаи замин ва ба андозаи 6290 метри мурабаъ бинои истеҳсолӣ, дар шаҳри Бохтар ба номи Саторов Рустам Раҷабович бо масоҳати 3100 метри мураббаъ қитъаи замин ва ба андозаи 2148 метри мураббаъ амволи ғайриманқул барои сохтмони меҳмонхона, дар шаҳри Бохтар ба номи шаҳрванд Исмоилова Гулчеҳра бо масоҳати 14756 метри мураббаъ қитъаи замин ва ба андозаи 1660 метри мураббаъ объекти ғайриманқул, дар ноҳияи Кушониён ба номи Бобои Сафо бо масоҳати 29600 метри мураббаъ қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ, дар ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Раҳимов Сайфулло Нозимович ба миқдори 3000 метри мураббаъ қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ, дар шаҳри Ҳисор ба номи шаҳрванд Одинаев Амирҷон бо масоҳати 5500 метри мураббаъ қитъаи замин ва ба андозаи 530 метри мураббаъ объекти ғайриманқули маркази савдо, дар шаҳри Исфара ба номи шаҳрванд Раҳимов Назирҷон бо масоҳати 1200 метри мураббаъ қитъаи замин ва ба андозаи 1386,69 метри мураббаъ объекти ғайриманқул (анбор) ба қайд гирифта шудааст, ки маълумоти зикргардида дар қайди нозироти андоз вуҷуд надоранд.

### Тадбирандешиҳо

Бо дарназардошти камбудиҳои ҷойдошта, мақомоти ҳудудии андоз аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон вазифадор шудаанд, ки барои иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз объектҳои молу мулк ва қитъаҳои замин, ҳамчунин, ҷиҳати сифатнок ва дар мӯҳлати муқараргардида таъмин намудани раванди баҳисобгирии онҳо чораҳои зарурӣ андешида, сабабҳои камшавии маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқулро мавриди таҳлили иловагӣ қарор диҳанд.

Итминон дорем, ки соҳибмулкон низ масъулияти зиёд эҳсос карда, камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф менамоянд ва барои рушди иқтисодиёти кишвар ва ғанӣ гардондани буҷаи давлат саҳм мегузоранд.

Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ

# Натиҷагирӣ аз фаъолияти Гурӯҳи корӣ

**Дар натиҷаи амалиёти Гурӯҳи корӣ, ки ба ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сафарбар гардида буд, 49 андозсупоранда бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардида, дар фаъолияти 19 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб карда шуд. Инчунин, 60 коргари кироя бо шартномаи меҳнатӣ таъмин гардида, 4 шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи объектҳои ғайриманқул дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.**

Гурӯҳи корӣ объектҳоеро зери санҷиши амалиётӣ қарор дод, ки дар фаъолияти онҳо аз тарафи гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз пештар санҷиши амалиётӣ гузаронида нашуда буд.

Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ-мутахассиси пешбари Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Наимҷон Шаропов иттилоъ дод, гурӯҳ фаъолияти андозсупорандагонро таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода, бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя, кам нишон додани даромади андозбандишаванда, риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби истифодабарии МНХ-и дорои хотираи фискалӣ" аз 02.05.2013, №210 - ро ошкор намуда, нисбати андозсупорандагон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидааст.

Мавсуф гуфт, ки дар ин давра 56 ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро ошкор ва бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ онҳоро бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин намуданд.

Гурӯҳи корӣ ҳамчунин, дар фаъолияти 19 андозсупоранда кам нишон додани музди меҳнати кормандон ва бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани 60 коргари кироя муайян карда. Ҳамзамон, пинҳонкунии манбаи андозбандишавандаро ба маблағи 8799,9 млн. сомонӣ муайян намуд ва аз он андозҳои дахлдор ҳисоб гардид. Дар натиҷа, нисбати 163 андозсупоранда барои риоя накардани талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андозбандӣ ба маблағи 492,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Номбурда илова намуд, ки ҳамчунин, фаъолияти 196 нафар андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифта, дар фаъолияти онҳо ҳолати риоя нагардидани талаботи қонунгузории андоз муайян гардидааст. Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ муайян гардид, ки ҶСП "Коиноти Нав" ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019-ум 87,0 ҳазор сомонӣ қарздор мебошад. Дар натиҷа, бо таъсири гурӯҳ ҶСП "Коиноти Нав" бақияи қарзи андозро пурра ба буҷет пардохт намуд.

Ба гуфтаи Н. Шаропов муайян шудааст, ки 56 шахси воқеӣ бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардида, 17 коргари кирояро ба кор ҷалб намудаанду андозҳоро дар манбаи пардохт ҳисоб ва пардохт накардаанд. Дар натиҷа, нисбаташон ба маблағи 92,4 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб ёфта, онҳо бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин шудаанд. Ҳамчунин, ба маблағи 64,5 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб шудааст, ки 31,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Чуноне муайян шудааст, шахси воқеӣ Назриддин Солиҳов, ки ба тайёр ва фурӯши таом бо ҷалби 7 коргари кироя машғул аст, дар қайди мақомоти андоз набуда, коргарони кирояро низ бидуни қайд ба кор ҷалб намудааст. Дар натиҷа, нисбати Н. Солиҳов ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, 1,0 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ва 1,8 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоӣ барилова ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамзамон, Назриддин Солиҳов ҳамчун андозсупоранда дар ноҳияи Сино ба қайд гирифта шуда, бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардидааст.

Ба ҳамин монанд, шахси воқеӣ Ҳоҷӣ Қурбонов амволи худро, воқеъ дар ноҳияи Сино, ба соҳибкорон ҳамчун анбор ба иҷора дода, даромади худро аз ҳисоби иҷораи амвол дуруст ҳисоб ва ба буҷет пардохт накардааст. Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки номбурда 77,8 ҳазор сомонӣ даромади бадастовардаи худро дар ҳисоботи андоз нишон надодааст. Дар натиҷа, бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ нисбати Ҳ. Қурбонов 10,2 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб шуд ва он ба буҷет пардохт гардид.



Инчунин, дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ 19 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот нишон надодани 60 коргари кироя ва кам нишон додани музди меҳнат ошкор гардидааст. Дар натиҷа, нисбати ин субъектҳо аз манбаи 168,6 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат 64,6 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб шуда, 36,4 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Коргарони кироя дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудаанд.

Масалан, ҶДММ "Бобо Пойтахт" бо ҷалби 5 коргари кироя ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти қаннодӣ машғул шуда, музди меҳнати коргарони кирояро ба ҳисоби миёна 800 сомонӣ нишон додааст. Дар рафти санҷиш муайян гардид, ки номбурда 3 коргари кирояро се моҳ бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, аз музди меҳнати пардохтнамуда андозҳои дахлдорро ба буҷет таъмин накардааст. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият аз манбаи 42,0 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат ба маблағи 15,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб намуда, аз манбаи 98,7 ҳазор сомонӣ маблағи 5,9 ҳазор сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст.

Ҳамчунин, нисбати сармуҳосиби ин ҷамъият барои вайрон кардани тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодабарии МНХ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағ пурра ба буҷет ворид шудааст.

Ба ҳамин монанд, соҳибкори инфиродӣ Бахтиёр Ҳусейнов ба тайёр ва фурӯши борҷома барои истеҳсоли яхмос бо ҷалби 10 коргар машғул шуда, коргаронро дар ҳисоботи андоз нишон надодааст. Санҷиши амалиётӣ муайян кард, ки соҳибкор 10 коргари кирояро зиёда аз 1 моҳ бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, андозҳоро аз манбаи 9,5 ҳазор сомонӣ пардохт накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор ба маблағи 3,6 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб гардида, он ба буҷет пурра пардохт шудааст. Ҳамзамон, нисбати соҳибкор барои нигоҳ надоштани андоз дар манбаи пардохт ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Ҳангоми санҷиши амалиётӣ муайян гардид, ки аз ҷониби баъзе андозсупорандагон талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ" аз 02.05.2013 №210 пурра риоя намешавад. Ин аст, ки дар 42 ҳолат риоя накардани тартиби истифодабарии МНХ-и дорои ТИЭ ошкор гардид. Нисбати қонунвайронкунандаҳо ба маблағи 228,3 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки алҳол пардохти 119,2 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Барои мисол, дар фаъолияти ҶДММ "Нисо 2007", чуноне муайян гардид, тартиби истифодабарии МНХ-и дорои ТИЭ дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ёфта, маблағи он ба буҷет пардохт шудааст.

Дар фаъолияти ҶДММ "Парвин Констейшн" низ ҳолати нодуруст истифода шудани МНХ-и дорои ТИЭ ошкор гардид. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағ ба буҷет таъмин гардидааст.

Инчунин, тавре аз натиҷаи санҷиши амалиётӣ бармеояд, даромади дар эъломияҳои андоз пешниҳоднамудаи ҶДММ "Фирдавс ЛТД" ва ҶДММ "Роҳнамо 2012" шубҳаовар буда, эҳтимоли дар ҳисобот пурра нишон надодани манбаи андозбандӣ дар фаъолияташон ҷой дорад. Пешниҳод шуд, ки фаъолияти ин субъектҳо таҳти санҷиши маҷмӯии андоз қарор дода шуда, нисбати онҳо назоратӣ камералӣ гузаронида шавад.

Дар маҷмӯъ, Гурӯҳи корӣ дар давоми фаъолияти худ нисбати 163 андозсупоранда барои вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 492,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додаанд, ки аз он 283,6 ҳазор сомониаш ба буҷет таъмин шудааст. Нисбати маблағи боқимонда чораҷӯӣ идома дорад.

Хулоса, тавре санҷиши амалиётии андоз нишон медиҳад, қонунвайронкуниҳои андоз, асосан, аз бемасъулиятии баъзе аз андозсупорандагон ба вуқӯъ омадааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги андозии бархе аз андозсупорандагон дар сатҳи паст қарор дошта, муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби онҳо риоя намегардад. Аз ин рӯ, ҳар як андозсупорандаро мебояд, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намояд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Трамп обвинил Китай в срыве торговой сделки

Все материалы сюжета
Торговая война США и Китая

Ранее президент США пообещал с 10 мая увеличить пошлины на ряд китайских товаров на 15% и не исключил введения пошлин на другую продукцию КНР.

Президент США Дональд Трамп, выступая во Флориде, обвинил власти Китая в срыве сделки в ходе торговых переговоров.

«Они сорвали сделку», - приводит слова американского лидера РИА Новости.

Ранее Трамп пообещал с 10 мая увеличить пошлины на ряд китайских товаров на 15% и не исключил введения пошлин на другую продукцию из этой страны.

Между тем вице-премьер Госсовета КНР, несмотря на угрозы президента США, планирует 9-10 мая посетить Вашингтон для продолжения консультаций.

Накануне СМИ сообщали, что Пекин отошел почти от всех договоренностей по торговой сделке с Соединенными Штатами.

**http://www.aif.ru**

# Интихоби дурусти мутахассис - пешрафти фаъолият

**Дар ҳошияи вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар мулоқоти Раиси вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ёдгор Файзов бо намояндагони ташкилотҳои молиявии вилоят баргузор гардид.**

- Мақсади мулоқоти Сардари давлат, қабл аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад, - гуфт Ёдгор Файзов. - Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки низоми иқтисодиро комилан ба талаботи замони муосир мутобиқ намуда, ҳар як мутахассис сарфи назар аз мақомаш донишҳои назариявию амалии худро такмил диҳад.

Раиси вилоят аз раҳбарони ташкилотҳои молиявӣ даъват намуд, ки дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба шитобкорӣ роҳ надиҳанд, танҳо баъди суҳбату санҷиши мукаммал онҳоро ба ин ё он вазифа интихоб намоянд. Фаъолият дар идораҳои молиявӣ меҳнати дастҷамъонаро талаб мекунад.

Сардори шуъбаи минтақавии Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Зайнулараб Қоимдодова зимни ироаи маълумот доир ба фаъолияти низоми бонкӣ изҳор намуд, ки алҳол дар ҳудуди вилоят 23 филиали бонкӣ, 2 ташкилоти қарзии хурд, 2 филиали ташкилоти қарзии хурд ва 1 фонди қарзии хурд фаъолият доранд. Аз 23 филиали бонкии дар қаламрави вилоят сабти ном шуда, дар айни ҳол фақат 10 филиал, аз ҷумла 9 филиали сохтори Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва 1 филиали сохтори ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» бо марказҳои хизматрасонии бонкии ноҳиявӣ самаранок ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар давраи ҳисоботӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 16,6 миллион сомонӣ захираҳои қарзӣ пешниҳод шудааст, ки нисбати ба ҳамин давраи соли гузашта 0,5 фоиз кам мебошад. Иллати асосии коҳиш ёфтани нишондиҳандаи мазкур, пеш аз ҳама, бо захираҳои қарзии кофӣ таъмин набудани филиалҳои бонкӣ ва инчунин, амалиётҳои заифи бонкӣ дар филиалҳои ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк» мебошад.

Раиси вилоят, ҳамчунин, аз фаъолияти нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят изҳори нигаронӣ карда, гуфт ки агарчӣ, дар маҷмӯъ, нақшаи пардохти андоз пурра иҷро гардидааст, вале нозиротҳои андози ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва Шуғнон андози иҷтимоии ғайрибуҷетиро таъмин карда натавонистанд ва дар натиҷа, ба буҷети Агентии суғурта ва иҷтимоӣ 224,3 ҳазор сомонӣ ворид нагардид. Қарзи андозҳо дар миқёси вилоят 2567,0 сомониро ташкил дода, дар се моҳи соли равон ба ҷои кам шудан, баръакс рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар чанд соли охир Ҳукумати ҷумҳурӣ ба мақсади шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз тадбирҳои зиёди муҳимро амалӣ намуд. Барои кормандони нозиротҳои андоз тамоми шароити мусоиди техникиро фароҳам овард, аммо на ҳамаи онҳо аз ин имкониятҳо дурусту самаранок истифода карда истодаанд. Ҳарчанд аз соли 2012 дар ҷумҳурӣ тартиби ба тариқи электронӣ пешниҳод кардани эъломияҳо ҷорӣ шуд, аммо дар ин самт ҳанӯз тағйироти куллӣ дида намешавад.

Раиси вилоят ба масъулони шуъбаи минтақавии Бонки миллӣ, Раёсатҳои молия ва андози вилоят дастур дод, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллатро дар амал татбиқ намоянд.

**Довари БОВАР**




# Воридоти назарраси маблағи андозҳо

**Ба санаи 1-уми майи соли ҷорӣ воридоти маблағи андозҳо дар ноҳияи Айнӣ бо дарназардошти андози иҷтимоӣ 62 миллиону 263 ҳазору 155 сомони ё худ 104,3 фоизро ташкил додааст, нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2 миллиону 579 ҳазору 533 сомонӣ зиёд мебошад.**

- Ин маблағҳо, асосан, аз ҳисоби корхонаҳои саноатии ноҳия дар мисоли КМ Тоҷикистону Амрико "Анзоб", ҶДММ "Шахтаи Фон-Яғноб", ҶДММ ширкати "Металлургии тоҷик", ҶДММ "Талко ресурс", ҶДММ "Ганҷи Зарафшон", ҶДММ "Луқмон-2012", ҶДММ "Акатсия плюс" ва дигар субъектҳои андозсупории ноҳия мебошад, - зикр дошт сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ Фарзон Оқилзода.

Бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Айнӣ низ сохтмону ба истифода додани даҳҳо иншооти нави таъиноташон гуногуни ҷашнӣ, аз он ҷумла, коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, ки ҳамчун сарчашмаи нави андозӣ ба буҷети давлатӣ манфиатовар хоҳанд буд, ба нақша гирифта шудааст. Аллакай, дар чор моҳи соли равон 4 адад корхонаи хурди сохтмонии нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Ҳоло, бино ба маълумоти сармутахассиси нозироти андози ноҳия Абдулхайр Муҳиддинов, дар ноҳия 234 корхонаҳои хурду бузурги саноатию истеҳсолӣ фаъолият доранд.

Дар ин муддат нақшаи ҳамаи 12 намуди сарчашмаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ноҳия пурра иҷро шудааст. Аз он ҷумла, андоз аз даромад, андоз аз фоида, андози низоми содакардашуда ва дигар намуди андозҳо, ки натиҷаи дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ ҷиҳати ҳисобу пардохти саривақтии андозҳо дар байни андозсупорандагони ноҳия мебошад.

- Яке аз омилҳои пешрави фаъолияти нозироти андози ноҳия, ин дар байни андозсупорандагон мувофиқи мақсад ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба мазмуну муҳтавои мактубҳои тавзеҳотии роҳбарияти Кумитаи андоз, ҳамзамон гузаштан ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андоз ва дигар стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад, - таъкид дошт мутахассиси нозироти андози ноҳия Толеъмурод Боймуродов. Бо ин мақсад пайваста бо андозсупорандагон дар нозироти андоз ва ҳам дар ҷамоатҳои ноҳия доир ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ семинар-машварат ва вохӯриҳо ташкил мешаванд.

Бақияи қарзи андози андозсупорандагони ноҳия дар назди буҷет ба ҳолати 1-уми май 430 ҳазору 486 сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали сол 34 ҳазору 146 сомонӣ кам шудааст.

Соли ҷорӣ аз тарафи Кумитаи андоз таъмин ва насби 24 адад мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳия ба нақша гирифта шуда, иҷрои он ҳармоҳа пурра таъмин гардида истодааст.

Ба ҳолати 1.05.2019, дар маҷмӯъ, шумораи соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дар ноҳия 1139 адад буда, аз он хоҷагиҳои деҳқонӣ 1018 ададро ташкил медиҳанд. Соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 575 нафар мебошанд. Аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорони тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда дар чор моҳи соли равон ба буҷет 743 ҳазору 964 сомонӣ маблағ ворид гаштааст.

Бояд зикр намуд, ки ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бинои нави Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ ба нақша гирифта шудааст, ки албатта ба истифода додани он барои кормандон тӯҳфаи арзандаи ҷашнӣ хоҳад шуд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Натиҷаҳои назаррас

Мувофиқи маълумоти Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод ба ҳолати 1 апрели соли равон аз ҷониби шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар маҷмӯъ 5 млн. 930327 сомонӣ маблағҳои андоз (бо дарназардошти андози иҷтимоӣ) ҳисоб шудааст. Аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ (бо дарназардошти андози иҷтимоӣ) 5 млн. 370729 сомонӣ, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ 35937 сомонӣ, соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 358661 сомонӣ, соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 165000 сомонӣ маблағи андозҳо ҳисоб гардидааст. Дар ҳамин давраи соли гузашта маблағи андозҳои ҳисобкардашуда аз ҷониби шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон 6 млн. 63196 сомониро ташкил медод.

- Дар ин давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шуъбаи мазкур дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 24 адад протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 28239 сомонӣ ҷарима ҳисоб гардид. Аз ин маблағ ба буҷет 6371 сомонӣ ситонида шуд ва бақияи маблағҳои пардохтнашуда ба ҳолати 1 апрели соли 2019-ум 21868 сомониро ташкил медиҳад, - иброз намуд сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод Лутфулло Ализода.

Ҳамчунин дар ин давра аз тарафи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тибқи талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти 40 субъект назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки маблағи иловагӣ ҳисобшудаи андозҳо 122671 сомониро ташкил медиҳад. Аз тарафи андозсупорандагон дар ин муддат ба маблағи 122671 сомонӣ эъломияҳои андоз пешниҳод шуда, аз ин маблағ ба буҷет 44937 сомонӣ андозҳо пардохт гардидааст. Андозҳои ҳисобшуда ба ҳар як назорати камералӣ ба маблағи 3067 сомонӣ рост меояд.

Лутфулло Ализода ҳамчунин қайд намуд, ки воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар семоҳаи якуми соли равон 140367 сомониро ташкил медиҳад. Яъне нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 11856 сомонӣ ба буҷет зиёд ворид шудааст. Ба ҳисоби миёна аз рӯи ин маълумот аз шумораи 421 адад ба як патент дар як моҳ маблағи 111 сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маблағи патент дар як моҳ ба як нафар соҳибкор 7 сомонӣ зиёд шудааст.

Аз ҳисоби 305 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар давраи семоҳаи аввали соли 2019 ба маблағи 283920 сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба маблағи 310 сомонӣ ба ҳар як андозсупоранда рост меояд.

Аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба ҳолати 1 апрели соли равон 887198 сомонӣ маблағи андозҳо вориди хазинаи кишвар гардидааст, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар як хоҷагӣ 248 сомонӣ рост меояд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба маблағи 55014 сомонӣ андозҳо зиёд ба буҷет ворид гардидааст.

Чуноне мушоҳида мешавад, самтҳои фаъолият дар Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод хеле хуб ба роҳ монда шуда, натиҷаҳо назаррастар гардида истодаанд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо истифода аз тартиби мазкур, шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсаройҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мешаванд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Душанбе сохтмон» (РЯМ 0110019379) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Олами Равшанӣ» (РЯМ 0410027915) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Ҳаёти нав 2012» (РЯМ 0310010) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Нон-калобок» (РЯМ 5110014828) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.
■ Кооперативи тиҷоратии «Қармақай» (РЯМ 5410000045) воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Абдуҳафиз» (РЯМ 5710004291) воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад.
■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Сомониёни Қалъаи Баланд» (РЯМ 6210004506) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Интернационал» (РЯМ 6210003865) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Халил» (РЯМ 6210002105) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
■ Кооперативи тиҷоратии «Х/Д Шабнам» (РЯМ 6210004231) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Наврӯзи Маҳмадалӣ» (РЯМ 3310005692) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Шамс С» (РЯМ 3310002704) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Бахт 2000» (РЯМ 3310003336) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Мусовиров» (РЯМ 3310004317) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Мусозода» (РЯМ 331000805) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Шукрулло» (РЯМ 3310008112) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Наврӯзбек» (РЯМ 3310008185) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Хамдам» (РЯМ 4210000823) воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Тамано С.Х» (РЯМ 4210001373) воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Балҷувон» (РЯМ 3310005424) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Баҳром» (РЯМ 3310003571) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Ҳаким 1» (РЯМ 3310003648) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ «Сарвиноз-Х» (РЯМ 4210000585) воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав, барҳам мехӯрад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Яхшиева Муноҷот (РЯМ 1230149269) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Таварова Адолат (РЯМ 0331370600) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуллоев Муҳаммад (РЯМ 0331251855) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродов Ҷамшед (РЯМ 0530095876) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Алихон Акрами (РЯМ 0530188689) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Давлатов Шаҳриёр (РЯМ 0331380968) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҳмадшоев Ҳайдар (РЯМ 0530041188) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Алиев Кошиф (РЯМ 0530082145) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Салолов Некрӯз (РЯМ 7230003706) аз ноҳияи Рушон, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Илчибекова Махфират (РЯМ 7230000223) аз ноҳияи Рушон, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳмонова Дилноза (РЯМ 0330164780) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шербоев Муҳаммадҷон (РЯМ 0331372168) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Дадобоева Манзура (РЯМ 5530050332) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳкамова Гулчеҳра (РМА 595285894), аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Шоҳбоз-А» (РМА 5730109303) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи ҶДММ «РОРФ-Исфара» (РЯМ 5510000284) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳошимов Қобилҷон Комилович (РЯМ 5130045122) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Манучеҳр Муҳиддинов (РМА 5530036985) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдумухтор Ахмедов (РМА 5530087815) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Олимов Насриддин (РЯМ 1830081413) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бобоев Шамсибой (РМА 6230001425) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Уматқулов Алимардон (РМА 6230096868) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алиқулов Назирҷон (РМА 6230045580) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Додоев Хушбахт (РМА 6230038146) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Содиқов Одилҷон (РМА 6230052309) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ниёзова Фотима (РМА 6230043848) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Кузиев Нусратулло (РМА 0730039301), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Дадабоев Раҳматилло (РМА 0730140455), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошматов Акрам (РМА 0730100250) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холмуродов Тоҷиддин (РЯМ 0331337454) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкории Баҳодур Шоҳаҳмадов - роҳбари хоҷагии деҳқонии «Комили Умед»-и ноҳияи Вахш (РМА 2930071210) бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Зулайхо Наимова (РЯМ 3430031963) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Вушоер Вейлӣ (РЯМ 2830067818) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Аҳроров Собитҷон (РЯМ 2830108995) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шукур Species Бобоҷонов (РЯМ 2830067158) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҳмадалӣ Мирзоев (РЯМ 2930066251) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Наврӯз Сатторов (РЯМ 2830095749) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

**Сармояи оинномавии ҶСНП «Тоҷиккурортстрой» (РЯМ 0510001067) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, аз 506 ҳазор сомонӣ ба 243 ҳазор сомонӣ кам карда мешавад.**

## ЭЪЛОН

### БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ", ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сархати панҷум Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз бақайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**

Роҳбарият ва кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аҳли эҷоди рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба сармуҳаррири рӯзнома Фарзона Шарифӣ нисбати вафоти

**МОДАРКАЛОНАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилаи марҳум аз Худои таоло сабри ҷамил мехоҳанд.

Роҳбарият ва кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармуҳосиби Кумитаи андоз Назриддин Аминов нисбати вафоти

**БОРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилаи марҳум аз Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Моҳияти иқтисодии ин андоз гирифтани қисми даромад аз кинотеатрҳо буд, ки ба шакли фарқ байни даромади умумӣ аз фурӯши билетҳои кино ва хароҷот барои намоиши филмҳо ба даст меомад. Андозсупорандагон соҳибони дастгоҳҳои намоиши кино, клубҳо, қасрҳои маданият, хоҷагиҳои дастаҷамъӣ ва дигар корхонаву муассисаҳои давлативу ҷамъиятӣ намоишдиҳандагони кинофилмҳо буданд. Ҳаҷми андоз аз даромади намоиши кинофилмҳо дар нисбати фоизи маблағи даромади умумӣ аз фурӯши билетҳо таъин гардида буд. Маблағи андоз пурра ба буҷети ноҳия ва шаҳре, ки дар он ҷо филм намоиш дода шуда буд, ворид мегардид. Нархи билетҳои кинoро Кумитаи давлатии ИҶШС дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи ИҶШС таъин менамуд. Вобаста ба маҳалли ҷойгирии дастгоҳи намоиши кино ва разряде, ки мақомоти кинофикатсия ба он дода буд, нархи билетҳо фарқ мекарданд.

Мақомоти молия фаъолияти дастгоҳҳои намоиши киноро назорат мекарданд, андозсупорандагонро ба ҳисоб мегирифтанд, ҳисоботи андоз, пурра ва риояи мӯҳлати маблағгузорониро ба буҷет тафтиш мекарданд; барои сари вақт насупоридани ҳисобот мувофиқи қоидаҳои (санксияҳо) барои боздоштани мӯҳлати пардохти андоз ба буҷет ҷарима мешуд.

Низоми андоз ва пардохтҳо аз аҳолӣ андоз аз даромад, андоз аз муҷаррадон, шахсони танҳо ва оилаҳои аъзояш ками шаҳрвандони ИҶШС, андози хоҷагии қишлоқ, андоз аз биноҳо, рентаи замин, пардохт аз соҳибони нақлиёти шахсӣ, пардохти давлатӣ (пошлина)-ро дар бар мегирифт.

Андоз аз аҳолӣ бо дарназардошти вазъи иҷтимоии гурӯҳҳои аҳолӣ ситонида мешуд. Яке аз андозҳои аз ҷиҳати ҳаҷм калон – андоз аз даромади аҳолӣ ба принсипи андозбандии прогрессивӣ асос ёфта буд. Ҳаҷми дигар андозҳо низ бо дарназардошти имконияти молиявии аҳолӣ, қобили пардохт будани шаҳрвандон сохта шуда буданд. Низоми андоз ва андозбандӣ ба ҳуҷҷату санадҳои қонунгузории маъмул асос ёфта буданд.

Андоз аз даромад – яке аз муҳимтарин ва аз ҷиҳати ҳаҷм калонтарин андозро дар баробари шаҳрвандони Шӯравӣ шаҳрвандони хориҷӣ дар ИҶШС кор мекардагӣ ва даромад мегирифтагӣ пардохт мекарданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Гаронтарин брендҳои ҷаҳон







Гаронтарин брендҳо (тамғаҳо)-и ҷаҳонро дар соли 2019 маҷаллаи маъруфи Forbes эълон кард. Ин соли нуҳум аст, ки дар 10-гонаи беҳтарин пай дар пай корпоратсияи амрикоии Apple пешсаф аст.

Айни замон арзиши тамғаи “себӣ” 205,5 млрд. доллар арзёбӣ мешавад, ки нисбат ба соли гузашта 12% зиёдтар мебошад. Дар ҳамин ҳол, бори нахуст дар таърихи баҳодиҳӣ ба брендҳо он нишондиҳандаи 200 млрд. долларро убур кард, хабар медиҳад GolfStrimInform.

Зинаи дуюмро дар ин рӯйхат Google ишғол намудааст, ки тамғаи он 167,7 млрд. арзёбӣ шудааст. Ва ниҳоят мақоми сеюмро Microsoft бо 125,3 млрд. доллар касб кардааст. Ба даҳгонаи аввали феҳрист, ҳамчунин ширкатҳое чун Amazon (97 млрд. доллар), Facebook (88,9 млрд. доллар), Coca-Cola (59,2 млрд. доллар), Samsung (53,1 млрд. доллар), Disney (52,2 млрд. доллар), Toyota (44,6 млрд. доллар) ва McDonald`s (43,8 млрд. доллар) шомил шудаанд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Ишқи ҳақиқӣ кам ба назар мерасад, дӯсти ҳақиқӣ аз он ҳам камтар.

***

Дар дунё беҳтар аз дӯстӣ чизе нест. Дӯстиро аз зиндагӣ берун кардан, дунёро аз нури офтоб маҳрум кардан аст.

***

Нерӯманд будан хуб аст, соҳибақл будан хубтар.

***

Зиндагӣ ба мо барои он дода шудааст, ки то охирин нафас ҳимояташ кунем.

***

Гум кардани Ватан, баробари гум кардани ҷон аст.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Кашидани як қуттӣ сигор дар як шабонарӯз ба нӯшидани як пиёла никотин дар як сол баробар мебошад.

***

Дарёи хурдтарини ҷаҳон ин дарёи Сагинау мебошад, ки дар Штати Мичигани Амрико ҷойгир аст.

***

Дар соли 2018 ИМА дар рӯйхати дорои сарватмандон ҷои аввалро гирифта, дар ин кишвар шумораи миллиардерон 585 нафарро ташкил медиҳад.

***

Дар миёни давлатҳои истеҳсолкунандаи гандум Чин дар ҷойи аввал истода, солона то 126 миллион тонна гандум истеҳсол менамояд.

***

Дандони фил то 9 килограмм вазн дорад.

## ДУ ДАНДОН ВА ДУ ХАНДАИ БАХТ




Марди австралӣ – Элан Бейлӣ ду дандони курсиашро хангоми тановули бигмак дар тарабхонаи «Макдоналдс»-и шаҳри Сиднейи ИМА шикаст. Ӯ тарабхонаро ба суд дод ва баъди ин амалаш бахт ба рӯяш ду маротиба хандид, суд ҷуброни зарари дидаашро 10000 доллар муқаррар кард, дар назди дандонпизишк бошад, бо завҷаи оияндааш шинос шуд.

## Шоҳкории санъати меъмории «Piano house»



Дар шаҳраки Хуайнани музофоти Анхойи Ҷумҳурии Мардумии Чин бинои аҷибе сохта шудааст. Бино пианиноеро мемонад, ки ба он скрипкаи бузург такя задааст.

Лоиҳаи онро донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Хефей дар ҳамкорӣ бо мутахассисони агентии дизайнерии «Decoration Project»-и Хуайнан омода намудаанд. Новобаста аз ин, бино ба санъати мусиқӣ иртибот надорад. Дар «пианино» маркази намоиш ҷой гирифтааст. Сайёҳон ва сокинони шаҳрак дар он бо макети биноҳо, тасвирҳои сохтмонҳои минбаъда ва нақшаи кӯчаҳои Хуайнан шинос мешаванд.

Намои биноро скрипкаи бузурге ташкил медиҳад, ки аз шишаи махсус сохта шудааст. Рӯзона он ҳамчун манбаи рӯшноӣ барои толори намоишгоҳ хизмат менамояд. Шабонгаҳ контури пианино ва скрипкаро чароғҳои неонӣ равшан намуда, биноро хеле назаррабо менамоянд.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Якчанд нафар ҷавонписар дар моҳи Рамазон як мӯйсафедро диданд, ки аз назари мардум дур пинҳонӣ таом мехӯрд.

- Шумо рӯзадор нестед? - пурсиданд ҷавонҳо аз пирамард.

Пирамард:

- Албатта рӯзадорам.

Фақат об нӯшида, таом мехӯраму халос. Ҷавонписарон қах- қах зада хандиданд:

- Аз ростӣ?

Пирамард гуфт:

- Ба шахси бегона назари бад намеафканам; ҳеҷ касро мазоҳу масхара намекунам; ба дили ҳеҷ кас озор намерасонам; бо одамон дар муомилаи бад нестам; ба моли дигарон чашм намеандозам.



Лекин, сад афсӯс, ки беморӣ дорам... Меъдаам дардманд аст ва барои ҳамин меъдаамро рӯзадор карда наметавонам. Дар охир мӯйсафед аз ҷавонон пурсид:

- Шумо ҳам рӯзадор ҳастед, бачаҳо?

Яке аз ҷавонписарон сарашро аз хиҷолат хам карда, посух дод:

- Не, мо фақат хӯрок нахӯрда истодаему халос...

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводҳое низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Фирдавси АБДУРАҲМОН

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Индекс: 68930

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 75 592